**ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ПАЁМИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ” БАРОИ СОЛИ 2025:
# МОҲИЯТ ВА САМТҲОИ АСОСӢ

**ДУШАНБЕ – 2025**

Зери назари Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдулло Раҳмонзода ва директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Хайриддин Усмонзода.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025: моҳият ва самтҳои асосӣ. – Душанбе, 2025, 97 саҳ.


**Мураттибон:**

Муртазозода Ораз

Рамазонӣ Давлатов

**Муҳаррирон:**

Давлатов Зубайдулло

Қиёмиддин Сатторӣ


Маводи ташвиқотӣ ва таблиғотӣ дар асоси Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” барои соли 2025 (шаҳри Душанбе, 28-уми декабри соли 2024)

# МУҚАДДИМА

Бо эътимод гуфта метавонем, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» афзори муҳимми давлатдорӣ аст. Вазифа ва нишондодҳои Паём барои ҳокимияти иҷроия ҳатмӣ буда, барои ҳокимияти қонунгузор эътибори тавсиявӣ доранд.

Дар арафаи соли нав ба Маҷлиси Олии мамлакат ва дар симои он ба тамоми халқи мамлакат Паём пешниҳод намудан, яке аз рукнҳои давлати соҳибистиқлол ва яке аз рамзҳои асосии давлатдории демократию ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад. Мустақилона муайян гаштани манфиатҳои миллии мамлакат ва самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷӣ ҳақиқатан тантанаи давлатдории миллӣ ва амалӣ шудани ормонҳои деринаи мардуми тоҷик аст.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бо навиди нек ва боварибахш дар бораи идомаи қадамҳои пойдор ва рушди устувори мамлакат дар шароити нави ҷаҳонӣ оғоз меёбад. Пешвои миллат дар нахустҷумлаи худ мефармоянд, ки «…ноороммиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин, канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани

таъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешем». Чунин руҳияи боварию эътимод саросари Паёмро фаро гирифта, гувоҳи дурустии роҳи пешгирифтаи Роҳбарияти олии мамлакат дар мазмуни таҳлилию дурбинонаи Паём ба таври боэътимод ва равшан ифода ёфтааст.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ санади расмӣ ва муҳимми барномавӣ буда, дар низоми сиёсии давлатдорӣ анъанаи равшани рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии Тоҷикистон, барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва самтнамои ҳаракати устувори ҷомеаи Тоҷикистон ба сӯйи ояндаи рушду амну осоиш мебошад.

Имрӯзҳо вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон ба таври бесобиқа мураккаб боқӣ мемонад. Дар ин вазъи тезутунд бархӯрди тамаддуну фарҳангҳо, тарғиби арзишҳои бегона, талабот ба тарбияи ватандӯстӣ дучанду сечанд меафзояд. Бо фаҳми бисёр жарфи вазъият ва дарки масъулият дар оғози Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» чунин иброз гардид: «… моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем. Зеро мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии

шоистаро доранд. Ин аст ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон».

Анъанаи паёмгузорӣ мақоми ҳуқуқиро соҳиб буда, дар моддаи 70 – и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки Президент «… дар бораи вазъи мамлакат ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад…». Бо эътимод гуфта метавонем, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ абзори муҳимми давлатдорӣ аст. я ҳатмӣ буда, барои ҳокимияти қонунгузор эътибори тавсиявӣ доранд.

Таҷрибаи давлатдорӣ собит намудааст, ки барои ташаккули давлат ва самаранок давлатдорӣ намудан паёмҳои роҳбарон дорои аҳаммияти муҳим мебошанд. Имрӯз дар ҷаҳон роҳбарони давлатҳо ҳамасола Паём пешниҳод менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун ҳуҷҷати муҳимми дорои аҳаммияти стратегӣ ба таъмини рушди устувори мамлакат мусоидат менамояд. Вақте ки паёмҳои Президенти мамлакатро бо назари таҳқиқ мехонед, таваҷҷуҳ ва самимияти хосса ба рушду бақои давлату миллатро эҳсос менамоед.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масоили печидаи ҷаҳони муосир накши созанда ва саҳми шоиста гузошта, ба афзудани обрӯ ва нуфузи Тоҷикистони соҳибистиқлол мусоидат менамоянд. Паёмҳо далели онанд, ки дастуру

супоришҳо ва талошҳои Сарвари давлат, пеш аз ҳама, ба хотири ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлоли давлатӣ ва дастовардҳои ҷумҳурӣ равона гардида, чун таҳкимбахши иқтидори сиёсӣ–иқтисодии мамлакат, барои таъмини шароити боз ҳам беҳтари зиндагӣ ва дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани обрӯйи Ватани маҳбубамон–Тоҷикистон нақши басе муҳим мебозанд. Бешубҳа, ҳар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки тамоми қувваю ғайрати хешро ба амалӣ гардонидани дастуру ҳидоятҳое, ки аз паёмҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд, равона намуда, барои ободию шукуфоии Тоҷикистон, ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии мамлакат ва таҳкими давлатдории миллӣ саъй намуда, сулҳу амнияти Ватанамонро таҳким бахшад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2024 як силсила масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат ҳамаҷониба таҳлил ёфта, барои рушди устувори ҳар соҳа ва рафъи камбудиҳои ҷойдошта дар онҳо дастуру супоришҳои қатъӣ ва таклифу ҳидоятҳои зарурӣ дода шудаанд. Он барномаи мушаххаси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии Тоҷикистон, нақшаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳо ва қутбнамои

ҳаракати устувори ҷомеаи мо ба сӯйи ояндаи дурахшон мебошад.

Аз нигоҳи мазмун ва муҳтаво Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ мавзуъҳоеро дар бар мегирад, ки барои рушди устувори мамлакат ва таъмини зиндагии сазовори мардум аҳаммияти муайянкунанда доранд. Мавзуъҳое, ба монанди таҳлили равандҳои минтақавию байналмилалӣ ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир, вазъи рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти низоми молиявии мамлакат, масъалаҳо ва дурнамои рушди соҳаҳои саноат ва соҳибкорӣ дар мамлакат, дастовардҳо ва сиёсати иҷтимоии давлат, таҳкими ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар қатори бисёр масъалаҳои дигар муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олиро ташкил медиҳанд.

Президенти Тоҷикистон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ аз усулҳои таҳлил ва муқоиса бештар истифода намуда, ҳолати рушди давлат, дастовардҳои ноилгардида ва дурнамои рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳлил ва муқоиса қарор доданд. Чунин тарзи таҳлил ва ифодаи муқоисавии дастовардҳо нишони он аст, ки сиёсатгузориҳои арзишманди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахшҳои алоҳидаи ҷомеа огоҳона, илмӣ ва воқеъбинонаю оянданигарона мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми ба Маҷлиси Олӣ дастовардҳои асосии иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро панҷ соли охир ва дар соли 2024 ҷамъбаст намуда, барои боз ҳам афзун намудани комёбиҳо дар ин самт соли 2025 дар назди Ҳукумати мамлакат вазифаҳои нав гузоштаанд. Ин вазифагузорӣ барои се, панҷ сол ва ҳатто муҳлати аз ин бешро дар бар мегирад. Дар ин хусус, аз ҷумла чунин омадааст: «Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳама захираву имконияти мавҷуда барои мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро амалӣ менамояд. Соли 2024-ум ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии мамлакат ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд. Дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 фоизро ташкил дод».

Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ чунин хусусиятҳои фарқкунандаи онро қайд намудан зарур мебошад:

1. Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат дар бинои нави мақоми олии қонунгузори мамлакат – Маҷлиси Олӣ баргузор гардид.

2. Паём дар вазъияти нооромию низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо байни кишварҳои абарқудрат, мусаллаҳшавии бошитоб, «ҷанги сард», тағйирёбии иқлим, инчунин канда шудани занҷираҳои таҳвили молу маҳсулот ва дигар омилҳои берунӣ пешниҳод шуд.

3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ вақте пешниҳод гардид, ки муҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати шашум ба охир мерасад.

4. Муҳиммияти дигари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз он иборат аст, ки он дар вазъияти фазои сиёсии пешазинтихоботӣ ба ниҳоди олии қонунгузории мамлакат пешниҳод гардид. Бо фармони Президенти Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2024 интихоботи вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ 2 марти соли 2025 таъйин гардид. Интихоботи дарпешистода бояд тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаффофу озод ва дар сатҳи баланд баргузор гардад ва интихобкунандагон номзадҳои арзандаи худро интихоб намоянд.

5. Вазъияти мураккаби байналмилалӣ ва ҳарбию сиёсӣ ба муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ бетаъсир намонд.

Президенти Тоҷикистон бо дарки амиқи ин вазъияти ҳассос баён доштанд, ки «… таъмин намудани амнияти давлат ва ҷомеа дар шароити имрӯза зарурат ва аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Фазои ноустувори байналмилалӣ аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ба масъалаҳои мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм афзалият дода, ба он ҳамчун ба хатари глобалӣ, ки тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст, муносибат намояд».

6.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2023 низ аз баррасии масоили иқтисодӣ шуруъ шуда буд. Бо фарқ аз Паёми соли 2023, Паёми соли 2024 аз таҳлили амиқу илман асосноки вазъи иқтисодии мамлакат оғоз гардид. Ва он қисми муфассали матни онро дар бар мегирад. Таҳлили имсолаи масоили иқтисодӣ хеле муфассал буд.

7.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ фарогири 32 супориш, 2 пешниҳод, 1 стратегия, 1 дастур, 2 барнома ва 1 ҳисобот мебошад

# МАЗМУНУ МУҲТАВО ВА САМТҲОИ АСОСИИ ПАЁМИ

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ БАРОИ СОЛИ 2025

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рукнҳои асосии давлати демократӣ маҳсуб ёфта, дар он дурнамо, сиёсати умумӣ ва ташаббусҳои Ҳукумат дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла иқтисод, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ, инфрасохтор ва равобити байналмилалӣ ба таври фарогир ифода меёбанд. Паёми Сарвари давлат дар таъмини рушди устувори кишвар, ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва ҷалби дастгирии умумӣ барои амалисозии ташаббусҳои Ҳукумат нақши муҳим мебозад. Зимнан, дар Паёми мазкур бо баррасии афзалиятҳо, дастовардҳо ва мушкилоти мавҷудаи кишвар хизмат намуда, вазъи кунунии кишвар мавриди таҳлил қарор гирифта, талошҳои Ҳукумат барои ҳалли мушкилоти муҳим ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум бо таваҷҷуҳи хос таъкид карда шуданд.

Мазмуну муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии зеринро дар бар мегирад:

– амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодӣ;

– таҳлили рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар панҷ соли охир (солҳои 2019–2024);

– ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги

андозсупорӣ, ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ, гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ;

– такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ;

– рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ, андешидани тадбирҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ;

– ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳоди эълони солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»;

– рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринакдӣ;

– пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;

– дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ва эълони мораторияи ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истисной санҷишҳои мақомоти андоз) то 1 январи соли 2027;

– тадбирҳои иловагӣ барои ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати мамлакат;

– расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳама имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди энергияи «сабз»;

– ба давлати транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имконияти транзитии он ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди мамлакат;

– рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ;

– мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ;

– ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

– рушди минбаъдаи соҳаи маориф ва илм, омӯзиши забонҳои хориҷӣ;

– рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ;

– омодагиҳо ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир;

– рушди босамари муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ;

– бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат;

– ҷавонон қишри фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол. Рушди варзиш. Тарбияи ватандӯстӣ;

– мақоми Зан – Модар дар фарҳангу тамаддуни тоҷикон;

– тақвияти пешбурди сиёсати хориҷӣ, саъю талош барои расидан ба ҳадафҳои созанда дар бобати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкории гуногунҷабҳа бо ҷомеаи ҷаҳонӣ;

– ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар қисми хотимавии Паём.

1. Рушди иқтисодӣ. Қисми фарогири суханронии Президенти кишвар дар самти сиёсати иқтисодӣ ба амалӣ намудани ҳадафҳои миллӣ, амнияти давлату ҷомеа рушди устувори иқтисодӣ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандоназ нигаронида шудааст. Ин бахш масъалагузориҳоро доир ба имкониятҳои

сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор, таъсиси ҷойҳои корӣ ва диверсификатсияи иқтисодӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар бар мегирад.

2. Таъмини иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ. Президенти кишвар бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2025:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;

– маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, аз 1-уми сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин,

иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне индексатсия карда шавад.

3. Амният ва тайёр кардани мутахассисони ҳифзи ҳуқуқ. Дар робита ба ин Пешвои миллат таъкид намуданд, ки рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, суботи сиёсӣ ва оромиву осудагии мардуми Тоҷикистон аз таъмини амнияти миллӣ вобаста мебошад. Масъалаҳои омода кардани мутахассисони ба талаботи шароити муосир ҷавобгӯй барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, баланд бардоштани сатҳи касбият ва маҳорату малакаи онҳо, инчунин, таҳкиму тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ минбаъд низ эътибори аввалиндараҷаро талаб менамояд.

Дар ин ҷода, мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст.

Бо дарназардошти ин вазъ, моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид.

4. Ҳамкориҳои минтақавӣ. Дар Паёми навбатӣ Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки Стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад.

5. Инфрасохтори маҳаллӣ. Президенти кишвар аҳаммияти рушди инфрасохторро дар бунёди корхонаҳои саноатӣ баҳри расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар муҳим шумориданд.

Саноатикунонии босуръати мамлакат пайёмадҳои зиёди мусбат дорад. Бунёди корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори он боиси ба ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолиии мамлакат ва ба даст овардани музди меҳнати кофӣ мешавад, ки ин дар навбати худ сабаби баланд шудани некуаҳволии шаҳрвандон мегардад.

Саноатикунонӣ, инчунин, боиси тағйирот дар таркиби ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон мегардад. Сафи шаҳрвандоне, ки дар корхонаҳои саноатӣ кор мекунанд меафзояд ва ин тағйирот, тайғироти сифатӣ дар таркиби ҷомеаи шаҳрвандии кишвар аст.

Барои бунёди корхонаҳои саноатӣ ҷойгиршавиии манбаи ашёи хом, ташкили инфрасохтор, таъмин бо қувваи корӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Дар ҳар сурат, тарафҳои мусбат ва манфии саноатикунонии босуръати

мамлакат аз тарафи мутахассисон бояд ҳамаҷониба таҳқиқ гардад, то минтақаҳои гуногун нисбатан мутавозин рушд карда тавонанд.

8. Муносибатҳои байналмилалӣ. Дар Паёми Пешвои миллат вазъи ноором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон таҳлил гардида, айни замон роҳҳои кам кардани таъсири манфии ин равандҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд. Пешвои миллат афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва ҳамкории кишварро бо ҷомеаи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор дода, таъкид намуданд, ки Тоҷикистон муносибатҳоро бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил кишварҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё омодагии хешро ҷиҳати идомаи таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо онҳо ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба тақвият мебахшад. Ҳамкориҳои созанда Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ боз ҳам тавсеа хоҳанд ёфт.

9. Хулоса ва дурнамо. Президенти кишвар Паёмро бо ҷамъбасти нуктаҳои асосӣ ва таъкиди такрорӣ ба мардум барои расидан ба ҳадафҳои муайяншуда ҷамъбаст карданд. Бо муроҷиат ба шаҳрвандон, даъват ба

ваҳдати миллӣ, устуворӣ ва саҳми фаъолона дар рушди кишвар, Паёми навбатии худро ба анҷом расониданд.

Паёми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз паёмҳои пешина фарқ намуда, бо мазмуну муҳтавои густурдааш барҷаста аст. Дар он ҳам насиҳатҳои падарона, ҳам даъватҳои ҳувиятсоз, ҳам дастуру ҳидоятҳои созанда ва ҳам машваратҳои муҳим барои нигаҳдошту рушди арзишҳои инсониву миллӣ ва соҳибистиқлолии кишвар ҷой доранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мазмуну муҳтавои ин Паём фарохтар ва фарогиртар аз паёмҳои қаблӣ мебошад.

# НАТИҶАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ИҚТИСОДИВУ МОЛИЯВӢ ВА ИҶТИМОИИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2024

***“Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст.”–*** *бо чунин суханон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми навбатии худро оғоз карда,* дар бораи натиҷаҳои асосии рушди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон дар соли 2024 маълумоти арзишманд ироа намуданд.

## ДАСТОВАРД ВА ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ

Ҳамасола Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири ҳамаи самтҳои гуногуни ҷомеа буда, масъалаҳои гуногуни соҳаҳои кишвар, мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дурнамои рушди иқтисодӣ ва масъалаҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои муҳимми стратегии кишвар мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Албатта, барои ҳар як давлату миллат рушди иқтисодиву иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои муҳим дониста шуда, барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо тамоми имкониятҳову зарфиятҳои мавҷударо истифода менамоянд. Хусусан, таваҷҷуҳ ба ин самтҳо дар партави мураккабшавии вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар сартосари кишварҳои ҷаҳон ва тағйирёбии бесобиқаи иқлим яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста аз вазъияти ногувори сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир, тавонист бо сиёсати дурбинонаву хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати расидан ба дастовардҳои муҳимми ҷомеа ва низоми рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварро таъмин намояд. Тасдиқи ин нуктаро мо метавонем аз нишондиҳандаи асосие, ки дар Паёми Президенти кишвар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта буданд, пешниҳод намоем.

Новобаста аз мушкилотҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати амалисозии тадбирҳои саривақтии зиддибуҳронӣ чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Дар робита ба ин, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли 2023-юм 8,4 дарсад зиёд гардида, аз 130,7 миллиард сомонии соли 2023 ба беш аз 150 миллиард сомонӣ дар соли 2024 расонида шуд. Бешубҳа, суръати рушди иқтисодии кишвар нисбат ба солҳои қаблӣ ба маротиб фарқкунанда буда, дар панҷ соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби

миёна 7,7 дарсадро ташкил медиҳад, ки ин рақам соли 2023 8,3 дарсадро ташкил медод.

Тазаккур бояд дод, ки новобаста аз болоравии арзиши маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, соли 2024 сатҳи таваррум муътадил буда, дар ҳаҷми 3,6 дарсад нигоҳ дошта шуд ва ин рақам соли 2023-юм 3,8 дарсадро ташкил дода буд. Ҳамзамон, даромади пулии аҳолӣ сол то сол зиёд гардида, соли 2024 ба 147 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки ин рақам дар соли 2023 ба 112,7 миллиард сомонӣ баробар буд.

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари иҷтимоӣ буда, вазъи зиндагонии аҳолӣ ва сатҳу сифати он дар ҷойи аввал меистад. Имрӯзҳо дар ҳама кишварҳои ҷаҳон бараъло дида мешавад, ки беқурбшавии пул ва дараҷаи болоравии нархи молу маҳсулоти озуқаворӣ дар авҷ мебошад. Ҳатто кишварҳои тараққикардаи Аврупо ба дараҷаи баландшавии нархи молу маҳсулот мувоҷеҳ мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи панҷ соли гузашта сатҳи таваррум ё баландгардии нархи молу маҳсулоти кишоварзӣ 29 дараҷа баланд гардидааст, ки ин таваруми муътадилро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, баҳри беҳтар гардидани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ ва беҳтар шудани сатҳи некуаҳволии онҳо тайи панҷ соли гузашта 100 дарсад музди маош баланд карда шудааст. Бо дарназардошти ин, барои боз ҳам беҳтар гардидан, Пешвои муаззами миллат қайд намуданд, ки “ҷиҳати

рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузории давлатӣ, инчунин, татбиқи нақшаву барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар панҷ соли охир аз ҳисоби буҷети давлат ва сармояи дохиливу хориҷӣ зиёда аз 197 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Барои иҷрои нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҳисоби соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони бонангу номуси кишвар дар се соли охир беш аз 20 миллиард сомонӣ хароҷот карда шуд”.

Бояд қайд кард, ки имрӯз Тоҷикистон бо ташаббусу ғамхориҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳое, ки метавонанд боиси пайдо гардидани хавфу хатарҳои эҳтимолӣ гарданд, чораандешӣ карда мешавад. Яке аз соҳаҳои басо муҳим дар ин самт беҳтар гардонидани соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисоди миллӣ ба шумор рафта, ба ҳисоби миёна дар соли 2024 қариб нисби маҷмуи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда, таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар дониста шуда, баҳри таъмини босубот ва мутаносиби аҳолии кишвар бо озуқаворӣ тавассути афзоиши мунтазам ва устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани

сатҳи даромаднокӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин, ҳифзи захираҳои табиӣ барои такрористеҳсолкунӣ замина фароҳам меорад.

Мусаллам аст, ки тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ ва беҳтар таъмин гардидани талаботи истеъмоливу саноатии кишвар мусоидат карда истодаанд.

Нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 46 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расидааст, яъне дар панҷ соли охир 1,5 баробар афзудааст.

Аз ин лиҳоз, Сарвари кишвар қайд намуданд: *“Бо вуҷуди ин, моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем”. “Бар замми ин, бо дарназардошти афзоиши аҳолии мамлакат, барномаи азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ, инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани самараноки замин, беҳтар гардонидани вазъи самтҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд”.*

Сарвари кишвар дар ҳамаи суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки истифодаи зарфиятҳои муҳимми иқтисодӣ баҳри расидан ба рушди босубот дар шароити имрӯз басо муҳим ва авалиндарача мебошад. Дар Паёми худ таъкид намуданд, ки "илова бар ин, дар соли 2025-ум доир ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи васеи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тадбирҳои мушаххас андешида шаванд."

Рушди иқтисодиёти "сабз" барои кишвари мо нақши калидиро мебозад, чунки он имкониятҳое, ки дар кишвари (об, рӯзҳои офтобӣ, 98 дарсад неруи истеҳсоли барқ аз манобеъҳои барқароршаванд) мо мавҷуд аст, метавонад манфияти бештарро ба бор орад. Бояд тазаккур дод, ки "энергияи сабз"– омили асосии таъмини рушди устувор ва бехатарии муҳити зист ба шумор рафта, яке аз хатарҳои бузурги экологӣ зиёдшавии партоби газҳои гулхонаӣ ва дар натиҷа, васеъшавии сӯрохии қабати озон, баландшавии ҳарорат дар кураи Замин ва обшавии босуръати пиряхҳо мебошад.

Яке аз унсурҳои асосии бунёди ҷомеаи муосир ва идоракунии давлатӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ низоми "иқтисоди рақамӣ" ба ҳисоб рафта, рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки идоракунӣ ва иҷрои амалиёт саривақтӣ ва сифатнок гардад. Ҳамзамон, рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар аз ҷорӣ

намудани технологияҳои рақамӣ ва гузаштан ба модели инноватсионӣ бевосита вобаста буда, имконияти самаранокиро афзун менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни ироаи Паёмашон дар санаи 28.12.2024 қайд намуданд: *«Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон карда шаванд»*. Албатта, дар шароити имрӯз бе рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия рушди нишондиҳандаҳои иқтисодиёти миллӣ ғайримкон буда, ба соҳаҳои гуногун таъсиргузор мебошад, зеро дар ин раванд татбиқ намудани инноватсия имкониятҳои навро барои кишвари мо бештар менамояд.

Баҳри таъмини рушди муътадили иқтисодиёти миллӣ ва дар мувозин нигоҳ доштани он, нақши бонкҳо басо муҳим мебошад, ки дар ин маврид аз ҷониби низоми бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст ва ин раванд то соли 2027 тибқи супориши Сарвари давлат ба 100 млрд сомонӣ расонида мешавад. Ҳамзамон, Пешвои муаззам қайд намуданд, ки *"Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ барои боз ҳам баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҷалби бештари пасандозҳои шахсони*

*воқеиву ҳуқуқӣ ва вусъат бахшидани фаъолияти низоми рақамии хизматрасониҳои бонкиву молиявӣ бояд чораҷӯйӣ намоянд. Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати таъсис додани филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, зиёд кардани пешниҳоди қарзҳо бо фоизи нисбатан паст ва таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ, бахусус, дар ноҳияҳои дурдасти мамлакат, тадбирҳои мушаххас андешанд."*

Барои боз ҳам ривоҷ ёфтани рушди рақамикунонӣ ва инноватсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2024 андешидани чораҳои қатъиро таъкид намуданд, ки барои беҳтар кардани сифати интернет ва алоқаи мобилӣ нақши басо муҳим дорад. Ин беҳбуди инфрасохтор ва васеъ кардани фарогирии минтақаҳои дурдасти мамлакатро дар бар мегирад.

*«Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:*

*– якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ;*

*– дуюм, то шабакаҳои панҷ–ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои*

*коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.*

*– сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ;*

*– чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ;*

*– панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ;*

*– шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот;*

*– ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ», –*тазаккур доданд Президенти мамлакат.

Чунин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки дар кишвар пешрафтҳои назаррас дар самти рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия вусъат ёбад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми дигаре, ки дар Паёми навбатӣ ироа гардид, таъмини шуғли пурраи аҳолӣ, ки яке аз ҳадафҳои асосии стратегии кишвар мебошад. Новобаста аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,8 дарсади қуввахои кории кишвар ҳамчун бекорон ба қайд гирифта шудааст, аммо ҳар сол на камтар аз 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар кишвар пайдо мегарданд ва

вобаста ба ин масъала Сарвари давлат чунин қайд намуданд: *“Дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсису барқарор карда шудааст. Бо мақсади танзими самараноки бозори меҳнат зарурати таҳияи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ ва механизмҳои самарабахши ташкиливу иқтисодии бунёди ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба миён омадааст. Аз ин рӯ, бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегӣ бояд зери таваҷҷуҳи доимии тамоми сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дода шавад.*

*Вобаста ба ин, зарур аст, ки тавассути татбиқи самаранокии барномаву нақшаҳои қабулгардида, суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 дарсад таъмин карда шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсад гузоштааст, ки то соли 2030 бо истифода аз тамоми имконоту захираҳои мавҷуда, маҷмуи маҳсулоти дохилиро ба ҳар сари аҳолӣ то 3 баробар афзоиш дода, сатҳи камбизоатиро беш аз ду баробар паст намояд ва ҳиссаи аҳолии дорои даромади миёнаро аз 22 то 50 дарсад зиёд гардонад”.*

## ДАСТОВАРД ВА МУШКИЛОТИ СОҲАҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДӢ

## САНОАТ

Паёми Президенти мамлакат инъикоскунандаи масъалаҳои муҳимми сиёсати дохиливу хориҷӣ буда, пешрафту муваффақиятҳои соҳаҳои иқтисодву иҷтимоӣ, саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, сайёҳӣ, илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, омӯхтани касбу ҳунар, нақши ҷавонон, занон, варзиш ва муносибатҳои байналмилалиро дар ҷомеаи муосир дар бар гирифт. Паёми Пешвои муаззами миллат дар амалӣ гардидани ҳадафҳои олии кишвар ва татбиқи барномаҳои давлатӣ стратегияҳои миллӣ ва нақшаҳои дурнамои он нақши калидии аввалиндараҷа дорад.

Ҳукумати мамлакат дар баробари ин, соҳаи саноатро яке аз соҳаҳои муҳим барои рушди иқтисодиёти кишвар муайян намуда, дар доираи амалисозии солҳои 2022–2026 “Солҳои рушди саноат” тавассути барқарорсозии зарфияти мавҷуда, афзоиш додани ҳаҷми истихроҷу коркарди сарватҳои зеризаминӣ ва оғоз кардани корҳои ба конҳо мубаддалгардонии нуқтаҳои минералӣ, бунёди корхонаҳои металлургӣ, маъдантозакунӣ, истихроҷ ва то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани филизоти рангаю қиматбаҳо, рушди саноати мошинсозӣ, нассоҷӣ, хӯрокворию дорусозӣ ва умуман соҳаи саноат, метавонем корҳои зиёдро ба анҷом расонем.

Сарвари давлат дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки дар доираи ҳадафи стратегӣ доир ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 млрд. ба 53 млрд. сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар мамлакат зиёда аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст. Суръати миёнаи солонаи рушди соҳа дар ин давра дар сатҳи 15 дарсад таъмин гардид, ки бо дарназардошти имконияту иқтидорҳои мавҷуда барои ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ҳанӯз нокифоя мебошад.

Роҳбари олии давлат хотиррасон намудаанд, ки суръати рушди соҳа ҳар сол на камтар аз 20 дарсад бояд таъмин карда шавад. Инчунин, таъкид гардид, ки ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат, тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ намоянд.

Илова ба ин, таъкид гардид, ки тақвияти корҳо доир ба истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар, баланд бардоштани рақобатнокӣ ва гуногуннавъии истеҳсолоти саноатӣ,

зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ дар асоси рушди маҷмааҳои соҳавӣ зарур мебошад.

Ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомоти марбута супориш дода шуд, ки ҷиҳати коҳиш додани содироти ашёи хом ва зиёд намудани содироти молу маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда бояд тадбирҳои судманд андешанд.

## КИШОВАРЗӢ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари рушди соҳаи саноат ва баланд бардоштани иқтидорҳои истеҳсолӣ таъмини амнияти озуқавориро низ яке аз ҳадафҳои муҳим ва афзалиятнок қарор дода, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба масъулини соҳаҳои кишоварзӣ доир ба зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот, васеъ намудани майдони киштзору боғу токзорҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода, таъкид менамоянд, ки барои амнияти озуқаворӣи мамлакат истифодаи самараноки замин, пеш аз ҳама, заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, бо ҳамин роҳ гирифтани то се- чор ҳосил ва захира намудани маҳсулоти озуқаворӣ зарур мебошад.

Тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба мунтазам афзоиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи

кишоварзӣ ва беҳтар таъмин гардидани талаботи истеъмоливу саноатии кишвар мусоидат мекунанд. Нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 39 миллиард сомонии соли 2019-ум ба 73 миллиард сомонӣ дар соли 2024-ум расидааст, яъне дар панҷ сол 1,9 баробар афзудааст. Сарвари давлат дар ин масъала иброз доштанд:

*“Бо вуҷуди ин, моро зарур аст, ки бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза, тағйирёбии иқлим, хусусан, камобӣ ва хушксолиҳои пайиҳам дар бисёр кишварҳои дунё, болоравии нархи маводи ғизоӣ дар ҷаҳон ва таъсири манфии омилҳои зикршуда ба бозори истеъмолӣ тамоми имкониятҳоро барои рушди соҳаи кишоварзӣ сафарбар созем.*

*Бар замми ин, бо дарназардошти афзоиши аҳолии мамлакат, барномаи азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ дар мамлакат таҳия ва татбиқ карда шавад.*

*Инчунин, ҷиҳати самаранок истифода бурдани ҳар як ваҷаб замин, беҳтар гардонидани вазъи соҳаҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, зотпарварӣ ва таъмин намудани рушди инноватсионии соҳа бояд чораҳои саривақтӣ амалӣ карда шаванд.*

*Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда , масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди саноати сабук ва хӯрокворӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, инчунин,*

*нигаҳдориву афзоиш додани содироти он ба хориҷи кишвар ҳаллу фасл карда шаванд.”*

## ЭНЕРГЕТИКА

Дар ҷаҳони муосир рушди бемайлони ҳама соҳаҳои ҳаётан муҳимро бе қувваи барқ наметавон тасаввур намуд. Бо дарназардошти ин, дар ҷаҳон торафт талабот ба қувваи барқ, махсусан, барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза, меафзояд. Дар ин самт танҳо давлатҳое метавонанд соҳиби дастовардҳои муайян шаванд, ки имконияти илмӣ ва шароити мусоиди табииро дошта бошанд.

Тавре дар Паёми имсола ба мисли Паёми соли қаблӣ таъкид гардид, Ҳукумати мамлакат бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз», мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст. Ҳоло корҳои таҷдиду азнавсозӣ дар неругоҳҳои барқи обии «Норак» ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 6 млрд. 900 млн. сомонӣ ва сохтмони неругоҳи «Себзор» ба маблағи 700 млн. сомонӣ идома доранд.

То имрӯз ду агрегати неругоҳи «Норак» ва се агрегати неругоҳи «Қайроққум» пурра азнавсозӣ карда шудаанд. Соли 2025 бо таҷдиду навсозии боз се агрегати дигар, дар неругоҳи «Қайроқум» иқтидори он иловатан 24 мегаватт зиёд гардида, ба 174 мегаватт мерасад.

Инчунин, як агрегати дигар дар неругоҳи «Норак» таҷдид шуда, иқтидори он 40 мегаватт зиёд мегардад ва сохтмони неругоҳи «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт ба анҷом расонида мешавад. Яъне иқтидорҳои мавҷудаи энергетикии мамлакат дар соли 2025 танҳо аз ин ҳисоб 180 мегаватт зиёд мегарданд. Дар баробари ин, соли 2025 дар вилояти Суғд сохтмони неругоҳи барқи офтобӣ бо иктидори 200 мегаватт оғоз мегардад.

Пешвои миллат иброз намуданд, ки имрӯзҳо бунёди неругоҳи барқи обии «Роғун» бо суръати баланд идома дошта, дар ду соли охир ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ бештар аз 9 млрд. сомонӣ харҷ гардидааст. То имрӯз зиёда аз 50 дарсади корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд. Таъкид карда шуд, ки Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сари вақт маблағгузорӣ намудани сохтмони ин иншооти стратегӣ мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст. Дар ин ҷода, бо як қатор созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ҷалби маблағҳои имтиёзнок дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ (ё 3 млрд. доллар), аз ҷумла 12,5 млрд. сомонӣ грант, идома доранд. То имрӯз созишномаҳои маблағгузории иншооти неругоҳ бо 6 созмон дар ҳаҷми умумии 10 млрд. сомонӣ, аз ҷумла 3,8 млрд. сомонӣ грант ба имзо расонида шуда, соли 2025 маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо оғоз мегардад. Аз ҷумла 17-уми декабри соли 2024 Шурои директорони Бонки

Ҷаҳонӣ дар хусуси дар марҳалаи аввал ҷудо намудани 3,8 миллиард сомонӣ грант барои сохтмони неругоҳи «Роғун» қарор қабул кард.

Албатта, шароити мусоид ва амнияти сартосарӣ яке аз омилҳои ҷалби сармояи хориҷӣ шуда метавонад. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, махсусан, 15 соли охир, як қатор ташкилотҳои молиявии хориҷӣ дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳаи энергетика, бо Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондаанд. Доир ба ин масъала Роҳбари давлат чунин ибрози назар намуданд: *«...аз ҷониби Бонки осиёии сармоягузориҳои инфрасохторӣ дар ҳаҷми 2,9 миллиард сомонӣ, Бонки Исломии Рушд 1,6 миллиард сомонӣ, Фонди Саудии Рушд 1,1 миллиард сомонӣ, Хазинаи ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ 272 миллион сомонӣ ва Фонди Кувайтии рушди иқтисодии арабӣ 180 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидаанд».*

Пайки шодие, ки дар Паём садо дод, ин расидан ба истиқлоли энергетикӣ дар соли 2027 буд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки мушкилоти меъёри барқ ба аҳолӣ дар давраи фасли тирамоҳу зимистон қайд намуданд, ки ҳама мушкилотро мо хуб эҳсос мекунем, аммо ин рӯзҳо ҳам аз сари мо мегузаранду дар соли 2027 онро ба таърих месупорем.

## НАҚЛИЁТ ВА РОҲҲО

Ҷанбаи дигари муҳимтарини Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ–таъмини рушди зарфияти инфрасохтории роҳу нақлиёт ба шумор меравад. Яъне вусъат бахшидани сохтмони роҳу долонҳои транзитӣ, ташаккули логистика ва дар ин замина, пайвастани кишвар ба мамлакатҳои гуногун ҷиҳати табодули молу маҳсулот баромад мекунанд. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ва истифодаи имкониятҳои транзитии он ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосии рушди кишвар пазируфта шудааст. Инчунин, соли 2024-ум дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 155 километр роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, 20 пули бузург ва 3 нақб ба маблағи умумии 4,6 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Аз ҷумла роҳҳои мошингарди «Роғун–Обигарм–Нуробод» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ ба дарозии 76 километр ва «Бохтар–Левакант–Лолазор –Данғара» – 69 километр ба маблағи 800 миллион сомонӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шуданд.

Соли 2024-ум таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингарди «Данғара – Гулистон» – 50 километр ва «Гулистон – Фархор» ба дарозии 33 километр оғоз гардид.

Вобаста ба масъалаи мазкур Пешвои миллат таъкид доштанд: *“Соли 2025 дар ҳудуди вилояти Суғд бунёду барқарорсозии 52 километр роҳҳои мошингарди аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта ва дар мавзеи Барсеми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4,5 километр роҳ, 550 метр долонҳои зидди тарма, пул бо дарозии 82 метр аз болои дарёи Шорф ва пул аз болои дарёи Ғунд бо дарозии 200 метр ба анҷом расонида мешавад”.* Дар доираи таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ҷиҳати таҷдиду азнавсозии роҳу пулҳои аҳаммияти минтақавию байналмилалидошта солҳои охир таъмиру сохтмони роҳҳои маҳаллӣ вусъат пайдо карда, танҳо дар соли 2024-ум аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, хусусан, бо саҳми соҳибкорону шахсони саховатпеша ва мардуми Тоҷикистон, ба маблағи беш аз 1 миллиард сомонӣ зиёда аз 2 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ таъмиру таҷдид гардида, бунёду азнавсозии 23 пул ба анҷом расидааст. Инчунин, бо таҷдиду азнавсозии роҳҳои мошингард дар зарфи панҷ соли охир тибқи арзёбии Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ мавқеи Тоҷикистон дар радабандии ҷаҳонӣ аз рӯйи нишондиҳандаи сифати роҳҳо дар байни 165 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда аз зинаи 50 ба 44-ум баромада, нисбат ба солҳои қаблӣ 6 зина баланд гардид.

Дар робита ба масъалаи мазкур, Вазорати нақлиёт вазифадор карда шуд, ки ҷиҳати татбиқи сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, саривақт ва бо риояи меъёрҳои

муосир амалӣ намудани бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои наклиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо, тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

## САЙЁҲӢ

Бо дастгирӣ ва ғамхории бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ тамоми имконияту шароитҳо фароҳам буда, заминаҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавҷуд буда, бо истифода аз захираҳои нотакрори сарзамин мо метавонем дар дар ин самт Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон табдил диҳем. Дар ин масир иктишофи ғояҳои нав, истифодаи пурсамари захираҳо, омода намудани мутахассисон, тарғибу ташвиқ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ зарур буда, ҳадафҳои мазкур дар доираи татбиқ гардидани “Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” амалӣ мегарданд.

Ҳукумати мамлакат рушди соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ дониста, Сарвари давлат дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, шумораи сайёҳоне, ки соли 2024-ум ба Тоҷикистон омадаанд, ба 1 миллиону 400 ҳазор нафар расида, нисбат ба соли 2019-ум 12 дарсад афзудааст. Таъкид доштанд, ки ҳарчанд нишондиҳандаи мазкур нисбати солҳои қаблӣ бештар

аст, вале ба имкониятҳои таърихиву табиӣ, сайёҳии экологӣ, кӯҳнавардӣ, фарҳангӣ ва табобативу истироҳатии кишвар мувофиқ нест. Имрӯзҳо таваҷҷуҳи сайёҳон аз тамошою истироҳатҳо аз соҳил дида бештар ба кӯҳнавардию манзараҳои табиат бештар гардидааст, ки ин шароитро кишвари мо доро буда, ин имкониятро бояд хуб истифода намояд. Дар баробари ҷалби сайёҳони хориҷӣ, ба рушди сайёҳии дохилӣ низ бояд таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Вобаста ба масъалаи мазкур, Кумитаи рушди сайёҳӣ якҷо бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор гардиданд, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди сайёҳӣ, хусусан, бунёди инфрасохтори зарурӣ, тадбирҳои иловагӣ андешад.

## СОҲИБКОРӢ ВА БАХШИ ХУСУСӢ

Яке аз бахшҳои калидӣ ва меҳварие, ки ҳамасола дар доираи Паёми Пешвои миллат матраҳ мегардад, таҳлилу арзёбии амиқу дақиқи вазъи иқтисодии мамлакат ва таъмини дурнамои рушди минбаъдаи он, бахусус, тавассути рушди бахши хусусӣ ва беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ мебошад. Дар иртибот ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат зимни ироаи Паёми имсолаи худ зикр намуданд, ки Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам

овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пайваста чораҷӯйӣ карда истодааст.

Дар ин росто, Пешвои миллат аз саҳми бузурги соҳибкорон ва шахсони саховатпеша, ёдовар шуда, чунин қайд намуданд, ки маҳз дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати мамлакат солҳои охир аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон бунёди иншооти таъйиноти иқтисодиву иҷтимоӣ вусъат ёфта истодааст. Пешвои миллат, аз ҷумла таъкид карданд, ки дар доираи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ танҳо дар се соли охир дар мамлакат беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, яъне муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, 660 иншооти соҳаи тандурустӣ, 480 иншооти варзиш, 175 иншооти фарҳангу фароғат ва ҳазорон иншооти дигари истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд ва ба истифода дода шуданд. Дар иҷрои ҳамаи чунин корҳои хайри ободонӣ саҳми соҳибкорон ва сокинони мамлакат бисёр бузург мебошад.

Аз ин лиҳоз, Пешвои муаззами миллат дар Паёмашон ба ҳамаи соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва тамоми мардуми Тоҷикистон барои дастгирии ташаббусҳои Ҳукумат ва саҳмгузорӣ дар ободиву пешрафти мамлакат сипосу миннатдории самимии худро баён намуданд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки Сарвари давлат зимни ироаи Паёми навбати худ иброз доштанд, ки

татбиқи ислоҳот, бахусус, дар самти санҷиши субъектҳои хоҷагидор имкон дод, ки то имрӯз шумораи мақомоти санҷиш аз 31 то ба 23 ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016-ум то ба 42 ҳазор дар соли 2024-ум кам гардад. Муқаррароти дар Кодекси андоз вобаста ба роҳандозии санҷишҳои андоз тибқи низоми идоракунии хавфҳо имкон фароҳам оварда истодаанд, ки шумора ва муҳлати гузаронидани онҳо маҳдуд ва сифатнокӣ таъмин карда шавад.

Тибқи маълумот соли 2023 шумораи санҷишҳои андозӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор нисбат ба соли 2014 ду баробар кам гардидааст, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолнокии он заминаи мусоид гузошта истодааст. Аммо бо вуҷуди ин, маблағҳои дар натиҷаи санҷишҳо ошкор ва пардохтшуда чор баробар афзоиш ёфтаанд.

Дар ин раванд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо овардани мисоли возеҳу равшан, иброз доштанд, ки танҳо дар 11 моҳи соли 2024 аз ҳисоби санҷиши 1150 андозсупоранда ба буҷети давлат иловатан як миллиарду 640 миллион сомонӣ ворид карда шудааст. Чунин вазъи ҷойдошта, бевосита гувоҳи риоя нагардидани қонунгузории андоз аз ҷониби баъзе субъектҳои хоҷагидор ва сатҳи пасти фарҳанги андозсупории онҳо мебошад. Дар баробари ин, Пешвои миллат дар Паёми худ қайд намуданд, ки масъалаи

истифодаи соҳибкорону сармоягузорон аз имтиёзи андоз аз фоида ҳангоми бунёди корхонаи нав низ таҷдиди назарро талаб менамояд, зеро ҳоло имтиёзи зикршуда на аз оғози фаъолияти истеҳсолии корхона, балки аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он ҷорӣ мегардад. Дар чунин ҳолат қисми зиёди муҳлати имтиёзӣ ба давраи бунёд ва таҷҳизонидани корхонаи нав, яъне то ба даст овардани фоида рост меояд ва соҳибкорону сармоягузорон аз ин имтиёз пурра бархӯрдор намегарданд. Бинобар ин, Пешвои миллат масъулини соҳаро вазифадор намуданд, ки ҷиҳати ҳаллу фасли чунин масъалаҳои баёнгардида ва дар ин замина таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҷораҷӯйӣ намоянд.

Дастуру супориш ва пешниҳодҳои нави Пешвои миллат ҷиҳати беҳтар гардонидании фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои корӣ, коркарди ашёи хом, вусъат бахшидани соҳибкории рақамӣ, рушди савдои электронӣ, бартараф кардани монеаҳои маъмуриву сунъӣ силсилаи ташаббусу имтиёзҳо дар ин ҷода маҳсуб меёбанд.

Пешвои миллат нисбат ба масъалаҳои мазкур, аз ҷумла соҳибкорони ватанӣ, ғамхории махсус зоҳир карда, дар Паёми имсолаи худ масъулини соҳаро вазифадор намуданд, ки ба ҳаллу фасли масълаҳои зерин аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд:

– Ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ, бахусус, дар заминаи фароҳамсозии

асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электронӣ. Рушди мунтазами чунин модели фаъолияти соҳибкорӣ ва савдои электронӣ имкон фароҳам меоварад, ки хароҷот вобаста ба ташкили фаъолият, бахусус дар самти фурӯши молу маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо, омилҳои инсонӣ, инчунин, хароҷот доир ба пардохти иҷорапулӣ, таъмир ва нигоҳдории он, хароҷоти коммуналӣ нисбат ба ташкили фаъолияти соҳибкории анъанавӣ (физикӣ) ба таври назаррас коҳиш ёбад. Дар баробари ин, боиси он мегардад, ки соҳибкорон, бахусус соҳибкорони дорои захираҳои маҳдуд, ҳадафҳои худро бо хароҷоти камтар амалӣ намуда, дар заминаи коҳиши ҳаҷми хароҷот ва пайдо гардидани манбаъҳои иловагии даромад, устувории молиявии худро таъмин намоянд.

– Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои соҳавӣ бо зикри маълумоти мушаххасу дақиқ доир ба захираву имкониятҳои мавҷуда, соҳаҳои афзалиятнок ва самтҳои асосии беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар дар муҳлати се моҳ *“Стратегияи ҷалби сармояро барои давраи то соли 2040”* таҳия ва пешниҳод намояд. Таҳияи чунин Стратегия барои боз ҳам беҳтар гардидани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ

ва дар ин замина, ҷалби ҳарчи бештари сармоя ба иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард.

Такмил додани механизми татбиқи имтиёзи андоз аз фоида барои корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии навро ба роҳ мондаанд, боиси он мегардад, ки натанҳо устувории молиявии соҳибкорон таъмин гашта, балки шароит фароҳаи мегардад, ки соҳибкорон фоидаи гирифтаи худро пурра нишон диҳанд, яъне пинҳокорӣ вобаста ба бардохти андоз коҳиш хоҳад ёфт, ки ин бевосита ба ғанӣ гардидани имкониятҳои буҷети давлатӣ мусоидат хоҳад кард.

– Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ба сифати сохтмон ва санъати баланди меъмории иншооту биноҳои бунёдшаванда, ки бояд ба зебо гардидани симои шаҳру ноҳияҳо мусоидат карда, ба мардум садсолаҳо хизмат намоянд, аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд.

– Ҷиҳати дастгирии минбаъдаи рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо роҳи такмил додани меъёрҳои амалкунандаи арзёбии хавфҳо шумораи санҷишҳо ва давраи гузаронидани онҳо (ба истисноi хавфҳои андоз) боз ҳам маҳдуд карда шавад. Ҳалли масъалаи гузошташуда натанҳо ба коҳиш ёфтани монеаҳои маъмурӣ ва дар ин замина, баланд гардидани сатҳи ҳавасмандӣ, ба ташкили фаъолияти

соҳибкории хурду миёна ва рушди он низ мусоидат хоҳад кард.

– Пешниҳод менамоям, ки дар давраи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда бо мақсади дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои ҷалби сармоя ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (ба истиснои санҷишҳои мақомоти андоз) *"То якуми январи соли 2027-ум мораторий эълон"* карда шавад. Дар амал татбиқ намудани пешниҳоди баёнгардида, ба соҳибкорон имкон медиҳанд, ки аз чунин имтиёзи навбатӣ васеъ истифода бурда, саҳми арзандаи худро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар гузоранд.

– Ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолияти навоварӣ, дар истеҳсолот васеъ истифода кардани технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон дар ин ҷода, хусусан, доир ба коркарди ашёи хом дар дохили мамлакат, тадбирҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шаванд. Ҳаллу фасли масъалаи зикргардида, ба коркарди ҳарчи бештар ашёи ватанӣ ва дар ин замини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда, инчунин, таъсиси ҷойҳои нави кории нав боис мегардад. Зоҳир намудани таваҷҷуҳи хосса доир ба иҷрои ин вазифа, шароит фароҳам месозад, ки имкониятҳои ҷойдошта,

бахусус, дар соҳаҳои саноат, боз ҳам васеътар истифода гарданд.

– Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025–2030 *«Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия»* эълон карда шаванд. Чунин иқдом боиси он мегардад, ки натанҳо таваҷҷуҳ ба рушди фаъолияти инноватсионӣ, истеҳсоли маҳсулоти тавассути инноватсия истеҳсолгардида, балки шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ, ташаккули соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ таъмин карда шавад.

– Ба роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

***Дар Паёми Пешвои миллат дар заминаи ҳаллу фасли дастуру супориш, имтиёз ва ташаббусҳои навбатии ироагардида, натиҷаҳои зеринро бардошт намудан ба мақсад мувофиқ аст:***

Фароҳам гардидани фазои боз ҳам мусоид дар самти ҷалби сармоя, рушди соҳибкории истеҳсолию инноватсионӣ, истифодаи васеи техникаю таҷҳизоти

инновастсионӣ дар истеҳсолот, коркарди ҳарчи бештари ашёи хом то маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда дар дохили мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави кории устувор, тақвияти имкониятҳои содиротии кишвар, инчунин, таъмини шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ, ташаккули соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ ва ғайра.

Дар маҷмуъ, бо дарназардошти имкониятҳои ҷойдошта, мавриди татбиқ қарор гирифтани таклифу тавсия, дастуру супориш ва ташаббусҳои зимни Паёми Пешвои миллат манзургардида, имкон фароҳам мегардад, ки натанҳо нишондиҳандаҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, бахши хусусӣ ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ дар кишвар таъмин гардад, балки сатҳу сифати зиндагии мардум, бахусус, дар заминаи мунтазам баланд гардидани сатҳи даромаднокии пулии аҳолӣ, боз ҳам беҳтару хубтар ва дар умум, нишондиҳандаҳои макроиқтисодии мамлакат устувору муътадил нигоҳ дошта шаванд.

Аз ин нуқтаи назар, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ҳамчун як санади фарогир ва барномаи мушаххасу стратегии воқеан амалишаванда, бахусус, дар ҷодаи таъмини рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина, таъмини дурнамои рушди устувори мамлакат унвон намуд

## ДАСТОВАРД ВА МУШКИЛОТИ СОҲАИ МАОРИФ, ТАНДУРУСТӢ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, зикр намуданд, ки барои дастгирии соҳаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамасола зиёд карда мешавад.Аз ҷумла, соли 2024-ум ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ба 19 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба буҷети соли 2023-юм беш аз 2 миллиард сомонӣ зиёд буда, 43 дарсади хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 1-уми сентябри соли 2025 маоши вазифавии кормандони соҳаҳои гуногун зиёд карда мешавад. Аз ҷумла:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 дарсад зиёд карда шавад;

– маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 дарсад зиёд карда шавад;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 дарсад зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иктисодиву ичтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда мешавад.

Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндарача медиҳад. Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор намуданд, ки дар панч соли оянда бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо дарназардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 дарсади кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар давраи Истиқлоли давлатӣ дар кишвар 3670 муассисаи нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, 262 муассисаи томактабӣ ва 35 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ сохта, ба истифода дода шуд. Агар соли 1991 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо 1,3 миллион нафар хонанда фаъолият дошта бошад, пас имрӯз 4037 муассиса, аз ҷумла 170 литсею гимназия, яъне муассисаҳои таълимии типи нав фаъолият менамоянд.

Ба таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳ зоҳир гардида, Президенти мамлакат ёдовар шуданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд.

Зикр гардид, ки дар зинаи таҳсилоти олӣ масъалаҳои сатҳу сифати таълим, дараҷаи касбии омӯзгорон ва истифодаи технологияҳои муосир аз ҷониби онҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, табодули илмии омӯзгорону донишҷӯён, корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва тадбирҳои тарбиявӣ ҳанӯз ба тақвият ниёз доранд. Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи таҳсилот ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифадор карда шуданд, ки доир ба ин масъалаҳо тадбирҳои муассир андешида, рушди босуботу устувори муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар солҳои наздик таъмин намоянд.

Дар Паём масъалаи тарбияи кадрҳои илмӣ мавриди таваҷҷуҳи Президенти мамлакат қарор гирифта, барои ҳалли мушкилоти соҳаи мазкур сохторҳои дахлдор вазифадор гардиданд. Аз ҷумла, ба вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо,

Комиссияи олии аттестатсионӣ, академияҳои соҳавӣ ва дигар сохторҳои марбутаро зарур аст, ки *«Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030»*-ро дар муддати ду моҳ таҷдиди назар карда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Зимни Паём Сарвари давлат таъкид намуданд, ки пешравию пирӯзии ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки сабаби асосии бадбахтии ҳар як миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи Президенти мамлакат қарор гирифт, рушди фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ мебошад. Агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод. Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона

бунёд карда шуд, ки имрӯз ҳамаи онҳо ба мардуми Тоҷикистон хизмат карда истодаанд.

Танҳо дар се соли охир дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 167 иншооти фарҳангу фароғат бунёду азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Ҳамчунин, сохтмони бинои Вазорати фарҳанг ва Театри миллӣ дар пойтахти мамлакат босуръат идома дорад ва муайян шудааст, ки онҳо дар рӯзҳои ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шаванд.

Таъкид гардид, ки бо вуҷуди корҳои амалигардида, ҳоло дар кишвар 75 муассисаи садамавӣ ва 368 муассисаи таъмирталаби соҳаи фарҳанг вуҷуд дорад, ки ин масъала ҳалли фавриро тақозо менамояд. Вобаста ба ин, ба Вазорати фарҳанг ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дастур дода шуд, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ камбудиву мушкилоти ҷойдоштаи соҳаро пурра бартараф намоянд. Роҳбарони шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки дар ин муддат дар маркази ҳар як шаҳру ноҳияи мамлакат барои истеъдодҳои наврасу ҷавон як мактаби мусиқӣ сохта, ба истифода диҳанд.

Масъалаи дигар, ки мавриди таваҷҷуҳи Президенти мамлакат қарор гирифт, масъалаи ҳифз ва гиромидошти нобиғаҳои миллат мебошад. Зикр гардид, ки Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту

арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ медиҳад. Моро зарур аст, ки ҳифзи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати худ ва муаррифии боз ҳам бештари онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем. Вобаста ба ин, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг вазифадор карда шуданд, ки маводи заруриро вобаста ба таҷлили 2550-солагии Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир омода ва ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи ҳифзи солимии аҳолӣ дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат хеле васеъ ва фарогир инъикос ёфт. Зикр гардид, ки Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани фаъолияти босамари муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида истодааст. Бо ин мақсад дар соли 2025-ум барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4,3 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 840 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Тайи чанд соли охир бинои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки кормандони он дар шароити бисёр номусоид фаъолият мекарданд, инчунин, биноҳои ду муассисаи бузурги таҳсилоти олии тиббӣ– Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Донишгоҳи давлатии тиббӣ дар

вилояти Хатлон бо беҳтарин шароит бунёд карда, ба истифода дода шуданд. Инчунин, даҳҳо беморхона ва дигар муассисаҳои тиббӣ, ки 70–80 сол пеш сохта шуда буданд, таҷдиду азнавсозӣ ва бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин карда шуданд.

Дар маҷмуъ, тайи 33 соли соҳибистиқлолӣ, ғайр аз таъмиру таҷдиди муассисаҳои мавҷудаи соҳаи тандурустӣ, бо истифода аз ҳамаи имкониятҳо 3076 муассисаи нави тиббӣ бунёд карда шуд. Ҳамзамон, сарфи назар аз корҳои амалигардида, роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳи Президенти кишвар қарор гирифт, ин масъалаи афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат ва таносуби таъмини онҳо бо шуғл мебошад. Тавре ки медонем, бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян гардидааст. Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар беш аз 4,1 миллион ҷойи корӣ таъсису барқарор карда шудааст. Ҳоло бошад, бо мақсади танзими самараноки бозори меҳнат зарурати таҳияи сиёсати фаъоли шуғли аҳолӣ ва механизмҳои

самарабахши ташкиливу иқтисодии бунёди ҷойҳои нави корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ба миён омадааст. Вобаста ба ин, Сарвари давлат таъкид намуданд, ки бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ, ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегӣ, бояд зери таваҷҷуҳи доимии тамоми сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ қарор дода шавад. Дар ин замина, Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки тамоми имкониятҳоро барои дар панҷ соли оянда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсис додани беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории нав сафарбар созанд. Илова бар ин, дар муҳлати ду сол барои пурра ба кор даровардани корхонаҳое, ки аз фаъолият бозмондаанд, чораҷӯйӣ карда, доир ба корҳои анҷомдодашуда ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот диҳанд.

Зимни суханронии Президенти мамлакат, масъалаи аз ҳисоби ҷавонон омода намудани кадрҳои баландихтисос ва бо ҷойи кор таъмин кардани онҳоро чун яке аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ намуд. Барои ҳалли ин масъала вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, дигар вазорату идораҳои марбута вазифадор карда шуданд, ки барномаи миёнамуҳлати барои соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисосро аз ҳисоби ҷавонон таҳия ва амалӣ намоянд.

Зикр гардид, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таълими калонсолон таъсис дода, то имрӯз дар онҳо беш аз 700 ҳазор шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар ин давра зиёда аз 1 миллиону 100 ҳазор нафар сокинони кишвар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон ба омӯхтани касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин, имрӯз дар 54 муассисаи касбомӯзии калонсолон 80 000 шаҳрвандон ба омӯхтани касбу ҳунар машғул мебошанд. Танҳо дар як соли охир 4 маркази касбомӯзию хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо мавриди истифода қарор дода шуд, ки фаъолияти онҳо дар соҳибкасб гардонидани шаҳрвандон ва бо сертификатҳои байналмилалӣ таъмин кардани касбомӯзон нақши муҳим хоҳад дошт. Марказҳои зикршуда метавонанд дар як сол беш аз 8000 нафар сокинони мамлакатро ба касбомӯзӣ ва забономӯзӣ фаро гиранд.

## СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР САМТИ БУНЁДИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН (ФАРҲАНГ ВА ҶАВОНОН)

Таҷрибаи як қатор кишварҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки арзишҳои бунёдии миллиро аз таърих ва фарҳанги хеш бояд ҷӯст. Бо дарназардошти ин, зимни ироаи Паёми навбатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳангро «ҳастии миллат» ва «асоси мавҷудияти ҳар давлат» арзёбӣ намудаанд. Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки фарҳанг бо мақсадгузориҳои муайяни инсонӣ ва дар ҳаёт амалӣ гардидани ин ормонҳо зич алоқаманд мебошад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг натанҳо бо эътирофи рамзӣ, балки бо ворид намудани фаъолонаи омилҳои фарҳангӣ дар равандҳои банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ хос аст. Ҳукумати кишвар пайваста фарҳангро ҳамчун воситаи асосии муттаҳидсозии ҷомеа, таҳкими ифтихори шаҳрвандӣ ва муқовимат ба идеологияҳои харобиовар қарор додааст. Ин равиш натанҳо маблағгузории муассисаҳои фарҳангии анъанавӣ, балки эҷоди инфрасохтори муосир барои рушди санъат, дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ ва истифодаи фаъолонаи мероси фарҳангиро дар барномаҳои таълимӣ ва сайёҳӣ дар назар дорад. *“Агар соли 2000-ум аз буҷети давлатӣ барои соҳаи фарҳанг ва варзиш ҳамагӣ 13 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2024-ум ин нишондиҳанда 1 миллиарду 716 миллион сомониро ташкил дод”*. Омори мазкур баёнгари он аст, ки маблағгузории фарҳанг дар Тоҷикистон аз оғози аср беш аз 130 баробар афзоиш ёфтааст.

Яъне дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар, фарҳанг натанҳо як соҳаи ҷудогона, балки ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳамаҷонибаи давлатӣ мебошад,

ки ба ноил шудан ба рушди устувору мутаносиби кишвар нигаронида шудааст. *“Тайи 33 соли истиқлоли давлатӣ дар кишвар 18 театр, 50 қасри фарҳанг, 14 мактаби санъат, 126 китобхона, 61 боғи фарҳангу фароғат ва 20 осорхона бунёд карда шуд, ки имрӯз ҳамаи онҳо ба мардуми Тоҷикистон хизмат карда истодаанд”.* Омори мазкур нишондиҳандаи таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумат ба рушди бахши фарҳанг арзёбӣ мегардад.

Таҳлили сиёсати давлатии фарҳангии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он ба таҳкими ҳувияти миллӣ тавассути оммавӣ гардонидани мероси таърихию фарҳангӣ нигаронида шудааст. Намунаи ин бархӯрд дастгирии фаъолона аз таҷлили ҷашнҳои миллӣ, назири Наврӯз аст, ки натанҳо ба чорабиниҳои идона, балки ба минбари намоиши гуногунии фарҳангӣ ва ваҳдати мардуми тоҷик табдил меёбанд. Ба рушди забони тоҷикӣ ҳамчун пояи ҳувияти миллӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад, ки он дар пуштибонии барномаҳои забонӣ, адабиёт ва расонаҳо ифода меёбад. Кӯшишҳои Ҳукумат дар ин самт ба фароҳам овардани заминаи мустаҳками фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, ба шаҳрвандон эҳсоси мансубият ба фазои ягонаи фарҳангӣ ва таҳкими ҳувияти миллии онҳо нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамгироии фарҳанги миллӣ ба заминаи фарҳангии ҷаҳонӣ саъю кӯшиши зиёд ба харҷ дода, фарҳанги

тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ фаъолона пешбарӣ менамояд. Ин дар иштирок дар ҷашнвораҳои фарҳангии байналмилалӣ, намоишгоҳҳо ва форумҳо, инчунин, дар дастгирии мубодилаи фарҳангии байналмилалӣ зоҳир мегардад, ки дар натиҷа, мероси фарҳангии халқи тоҷик аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун ганҷинаи беназири тамаддуни башарӣ эътироф гардидааст. Бо мақсади густариши корҳо дар ин самт, *"Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО ба хотири гиромидошту арҷгузорӣ ба нобиғаҳои миллат, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ ва муаррифии шоистаи онҳо дар арсаи байналмилалӣ талошҳои пайваста ба харҷ медиҳад"*.

Илова бар ин, Ҳукумат бо ҳадафи дастрас ва ҷолибтар гардонидани мероси фарҳангӣ барои оммаи васеъ, бахусус ҷавонон, бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар осорхонаҳо, китобхонаҳо ва театрҳо ба таҷдиди инфрасохтори фарҳангӣ саъй дорад. *"Танҳо дар се соли охир дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ 167 иншооти фарҳангу фароғат бунёду азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ баровarда шуд"*. Чунин бархӯрд нишон медиҳад, ки Ҳукумат натанҳо нигоҳ доштани фарҳанги миллӣ, балки ба воқеияти муосир мутобиқ гардонида, онро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ рақобатпазир ва ҷолиб гардонад.

Илова бар ин, бояд қайд намуд, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг саҳми бошууронаи натанҳо ҳифзи мероси фарҳангӣ,

балки рушди босуръати онро нишон медиҳад, ки дар он тарбияи кадрҳои баландихтисос ва дарёфти истеъдодҳои нав мавқеи асосиро ишғол менамояд. Бо дарназардошти ин, Пешвои миллат таъкид намуданд: *“Мо дар соҳаи фарҳанг истеъдодҳои зиёде дорем, ки гулчин ва тарбия кардани онҳо вазифаи мову шумост”.*

Фаҳмидани он, ки фарҳанг натанҳо инъикоси гузашта, балки воситаи тавонои ташаккули оянда аст, муносибати ҳамаҷониба ба рушди иқтидори фарҳангии кишварро муайян мекунад. Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки *“дар шаш сол дар озмуни «Тоҷикистон–Ватани азизи ман» 21 ҳазору 500 нафар иштирок карда, қариб 500 нафари онҳо соҳиби ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд”*. Яъне муҳимтарин ҷанбаи сиёсати давлатӣ таъсиси системаи самарабахши ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳо дар соҳаи фарҳанг буда, *“дар озмунҳои дигар, аз ҷумла «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикон – оинаи таърихи миллат» низ то имрӯз 2 миллиону 60 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар, хусусан, наврасону ҷавонон иштирок карда, қариб 1000 нафар соҳиби шоҳҷоиза, ҷойҳои намунавӣ ва ҷоизаҳои пулӣ гардидаанд”*.

Ин равиш дар фароҳам овардани шароит барои рушди касбии кормандони фарҳанг, ҳавасмандгардонии ташаббуси эҷодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеъдодҳо ифода ёфтааст, ки гарави шукуфоии дарозмуддати иҷтимоию иқтисодӣ ва

фарҳангии Тоҷикистон мебошад. Ин озмунҳо эҷодкориро ҳавасманд мекунанд, рушди касбиро ҳавасманд мекунанд ва муҳити солими рақобатро фароҳам меоранд, ки ба баланд бардоштани сатҳи умумии рушди фарҳанг мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти озмунҳо барои сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг аз дарёфти истеъдодҳо низ фаротар аст. Онҳо як қатор вазифаҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсиро ичро мекунанд. Аввалан, озмунҳо ба ташаккули симои мусбати кишвар ҳамчун миллати аз ҷиҳати фарҳангӣ ғанӣ ва рушдёбанда мусоидат менамоянд. Сониян, онҳо ҳисси ифтихор ва ваҳдати миллиро тақвият бахшида, ҷомеаро дар атрофи арзишҳои муштараки фарҳангӣ муттаҳид мекунанд. Сеюм, озмунҳо василаи муассири ҷалби таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ва мақомот ба фарҳанг, фароҳам овардани шароит барои рушди минбаъда ва маблағгузории ин соҳа мебошанд. Илова бар ин, ғолибони озмун барои рушди минбаъдаи касбӣ, иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалии фарҳангӣ ва муаррифии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ имконият доранд.

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи рушди соҳаи фарҳанг як стратегияи ҳамаҷониба ва гуногунҷанба мебошад, ки ба ташкили низоми устувори тарбия ва ошкор намудани истеъдодҳо нигаронида шудааст. Дастгирии маориф, ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ ва баргузории озмунҳо ҷузъҳои таркибии ин

стратегия буда, натанҳо аҳаммияти фарҳангӣ, балки аҳаммияти муҳимми иҷтимоию сиёсӣ низ дорад. Ба шарофати ин муносибат, Тоҷикистон натанҳо мероси ғании фарҳангии худро ҳифз мекунад, балки барои рушди минбаъда, ғанӣ шудан ва ворид шудан ба раванди ҷаҳонии фарҳангии он шароит фароҳам меорад, ки шукуфоии дарозмуддат ва рушди устувори онро таъмин менамояд. Чунин сиёсат натанҳо ба ҳифзи мероси фарҳангӣ, балки ба рушди босуръати он, ғанӣ гардонидани фазои фарҳангии кишвар бо истеъдод ва ғояҳои нав мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, фарҳанг дар сиёсати давлатии Тоҷикистон на мавқеи канорӣ, балки марказиро ишғол намуда, ҳамчун воситаи муҳимтарини рушди иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ баромад мекунад. Ҳукумат стратегияи ҳамаҷонибаи ҳифз ва тарғиби мероси фарҳангии миллӣ, ҳамгироии фарҳанг ба фазои ҷаҳонӣ ва дастгирии неруи созандаи миллатро пайваста амалӣ менамояд. Ин равиши стратегӣ на танҳо ба ташаккули ҳувияти қавии миллӣ мусоидат мекунад, балки барои пешрафти минбаъда ва рушди устувори Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир заминаи мустаҳками фарҳангӣ фароҳам меоварад.

Дар баробари соҳаи фарҳанг, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҷавононро неруи пешбарандаи давлат ва миллат эътироф намуда, барномаҳои фарогириро, ки ба рушди ҳамаҷонибаи неруи ҷавонон нигаронида шудаанд, фаъолона таҳия ва амалӣ менамояд. Ин

бархӯрд ба эътирофи он, ки сармоягузорӣ ба ҷавонон сармоягузорӣ ба ояндаи кишвар буда, рақобатпазирӣ ва шукуфоии дарозмуддати онро таъмин мекунад, асос ёфтааст. Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: *“Дар қалби ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлату Ҳукумат мебошад”.* Яъне сиёсати ҷавонон танҳо як барномаи иҷтимоӣ набуда, ҷузъи ҷудонашавандаи Стратегияи рушди миллӣ мебошад.

Таҳлили сиёсати ҷавонони Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он ба ҳалли мушкилоти калидии насли наврас, аз қабили бекорӣ, сатҳи пасти таҳсилот ва амнияти иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Аз ҷониби Ҳукумат як қатор барномаҳо амалӣ карда мешаванд, ки ба беҳтар намудани таълиму тарбияи ҷавонон, касбомӯзӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ нигаронида шудаанд. Ба дастгирии соҳибкорони ҷавон, рушди соҳибкории ҷавонон ва ҳавасмандгардонии инноватсия таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Ин тадбирҳо ба он нигаронида шудаанд, ки ҷавонон натанҳо донишу малакаи зарурӣ гиранд, балки тавонанд дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар фаъолона иштирок намуда, дар рушди он саҳм гузоранд. *“Ҷавонон қишри*

*фаъолтарини ҷомеа ва идомадиҳандаи кору пайкори насли калонсол мебошанд ва маҳз онҳо масъулияти фардои кишвари соҳибистиқлоли худро ба дӯш хоҳанд гирифт".*

Самти стратегии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстӣ дар байни насли наврас мебошад. Ҳукумат ҷиҳати тарғиби арзишҳои миллӣ, таҳкими ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва ҷалби ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар фаъолона кор бурда истодааст. Ин дар дастгирии созмонҳои ҷавонон, баргузории чорабиниҳои тарбиявию ватандӯстӣ, фароҳам овардани шароит барои иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо зоҳир мегардад. Чунин талошҳо ба он нигаронида шудаанд, ки ҷавонон натанҳо босаводу соҳибихтисос, балки мавқеъи устувори шаҳрвандӣ дошта бошанд, ки тавонанд дар бунёди ояндаи Тоҷикистон фаъолона иштирок намоянд.

Маҳз бо дастгирӣ ва раҳнамоиҳои муҳтарам Пешвои миллат дар соли 2024 ҷавонону варзишгарони кишвар низ дар баробари дигар қишри фаъоли ҷомеа бо ҳисси баланди ватандӯстӣ барои ҳимояи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳимояи манфиатҳои миллату давлат ва муаррифии шоистаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ содиқона талош намуданд. Воқеан ҳам, заҳмату талошҳои ҷавонони кишвар шоистаи таҳсин буда, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём иброз

намуданд, ки *“мо ифтихор дорем, ки ҷавононамон нисбат ба Ватан меҳру муҳаббати самимӣ доранд, Ватанро сидқан дӯст медоранд, ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ арҷ мегузоранд, иродаи мустаҳкам доранд ва сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакатро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ дастгирӣ мекунанд”*.

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар самти баланд бардоштани мақоми ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа тамоми шароити зарурӣ муҳайё гардида, барои амалӣ намудани ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида истодаанд, ки инро дар таъкидҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушоҳида намудан мумкин аст: *“Мо аз ҷавонони кишвар умеди бузург дорем, ташаббусҳои созандаашонро минбаъд низ ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем ва аз фаъолияти онҳо ба хотири рушду таҳкими давлатдории миллиамон ҳамеша қадрдонӣ менамоем”*.

Афзалиятбахши ба рушду малакаҳои ҷавонон ва дастгирии моддию маънавии ин қишри ҷомеа ба он асоснок мегардад, ки ҳоло 61 дарсади шумораи умумии кормандонро дар кишвар ҷавонон ташкил дода, ин нишондиҳанда дар хизмати давлатӣ 49 дарсад мебошад.

Дар ҳамин ҳол, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии ҷавонон, бахусус, аз қишри осебпазири аҳолӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Барномаҳои

дастгирии оилаҳои ҷавон амалӣ гардида, ба ҷавononе, ки дар вазъи душвори зиндагӣ қарор доранд, кумакҳои иҷтимоӣ расонида шуда, барои мутобиқшавӣ ва ҳамгироии онҳо дар ҷомеа шароит фароҳам оварда мешавад. Ин тадбирҳо ба он нигаронида шудаанд, ки ҳамаи ҷавонон, сарфи назар аз вазъи иҷтимоиашон, имкониятҳои баробар барои рушд ва амалӣ намудани неруи худ дошта бошанд. Ин равиш баёнгари он аст, ки Ҳукумат талоши бунёди ҷомеаи фарогиреро дорад, ки дар он ҳар як ҷавон метавонад ба дастгирӣ ва кумаки давлат умед бахшад.

Изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зарурати огоҳии ҷавонон аз тағйироти ҷаҳонӣ ва муқовимат ба идеологияҳои харобиовар на танҳо таъкид ба насли наврас, балки даъвати аз ҷиҳати стратегӣ мукаммалшуда барои иштироки фаъолона дар таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори кишвар мебошад. Чунки ҷавонон дар ҷаҳони муташанниҷ ва ноустувор на танҳо ҳадафи таҳдидҳои беруна, балки ба субъекти калидии муқовимат бо онҳо қарор мегарданд. Аз ин рӯ, рисолат дар бораи зарурати ҳушёрӣ ва омодагӣ ба дифоъ аз Ватан аз доираи тарбияи анъанавии ватандӯстӣ берун рафта, хусусияти зарурати стратегии таъмини суботи миллиро дар худ касб мекунад.

Дар робита ба масъалаи огоҳ будани ҷавонон аз таҳаввулоти босуръати сайёра, бояд қайд намуд, ки ҷаҳони муосир натанҳо бо пешрафти техникӣ, балки бо

паҳн шудани шаклҳои нави таъсири харобиовар, аз ҷумла идеологӣ, хос аст. Ин аз ҷавонон натанҳо чандирии зеҳнӣ ва худомӯзии доимӣ, балки тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлил ва аз байн бурдани иттилооти бардурӯғро тақозо мекунад, ки унсури муҳимми мубориза бо таъсири ифротгароӣ ва радикалӣ мебошад. Ҳамин тариқ, таҳсилот ва огоҳии ҷавонон натанҳо бартарии шахсӣ, балки ба манбаи стратегии давлат табдил ёфта, қодир ба таъмини амнияти иттилоотии он ва ҳифзи он аз таҳдидҳои идеологии беруна мегардад.

Ҳамин тавр, таъкидҳои Сарвари давлат доир ба нақши ҷавонон дар ҷаҳони муосир натанҳо сухани ҷудогона, балки як диди стратегие мебошад, ки уфуқҳои рушди кишварро муайян мекунанд. Дидгоҳи мазкур ба он асоснок мегардад, ки ҷавонон дар баробари чолишҳо ва таҳдидҳои глобалӣ натанҳо босаводу соҳибихтисос, балки ҳушёр, тафаккури интиқодӣ ва ватандӯстӣ дошта, қодир ба иштироки фаъолона дар таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори Тоҷикистон бошанд. Ҳамин тариқ, сиёсати ҷавонон, ки ба принсипҳои масъулияти бошуурона ва иштироки фаъолона асос ёфта, ҷузъи асосии стратегияи миллӣ ва пояи шукуфоии ояндаи кишвар мебошад.

# СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ЗАНОН ВА ТАЪСИРИ ТАВОНМАНДИИ ОНҲО ДАР БУНЁДИ ҶОМЕАИ ҚАВИТАР

Маврид ба зикри хос аст, ки пешгирии омилҳои номатлуби иҷтимоӣ, аз қабили хушунат, ифротгароӣ ва табъиз бархӯрди гуногунҷанбаро тақозо намуда, ҷалби занону духтарон дар ҳалли мушкилотҳои мазкур муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Бонувон аксар вақт дар сафи пеши ташаббусҳое ҳастанд, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, аз дурнамо ва таҷрибаи беназири худ барои мусоидат ба фарогирӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа истифода мекунанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷойгоҳи муассири бонувони тоҷикро вобаста ба масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯза таъкид намуда, иброз доштанд, ки *“нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ муассир аст”*.

Дар сиёсат эътироф ва тавонмандсозии занон ба унвони ҳомии ин арзишҳо метавонад сохтори ҷомеаро тақвият бахшида, эҳтиром ва ҳифзи мероси фарҳангии гуногунро таъмин намояд. Тарбияи фарзандон дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстӣ ва масъулиятшиносӣ бароиояндаи ҳар миллат ҳаётан

муҳим буда, занону бонувон, ҳамчун парасторон ва омӯзгорони ибтидоӣ, дар ташаккули арзишҳо ва муносибатҳои насли оянда таъсири назаррас доранд. Нақши онҳо дар ташаккули ғояҳои ватандӯстӣ, эҳтиром ба дигарон ва ҳисси баланди масъулият дар назди ҷомеа ва миллати худ ба ташаккули шаҳрвандони аз ҷиҳати иҷтимоӣ шуурнок мусоидат мекунад. Бо дарназардошти ин нуктаҳо, Президенти кишвар қайд намуданд, ки *“мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем”*. Яъне эътирофи нақши муҳимми занону духтарон дар паҳлуҳои гуногуни рушду суботи ҷомеа натанҳо мантиқӣ ва асоснок, балки барои эҷоди ҷаҳони мутаносиб ва шукуфон низ зарур аст. Саҳми онҳо дар арсаҳои илмӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти фарогирӣ ва тавонмандии онҳоро дар равандҳои қабули қарорҳо таъкид мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муҳити тарбиявию дастгирикунандаи оила, ки аксар вақт аз ҷониби модарон роҳбарӣ мешавад, ба рушди маърифат, ҳиссиёт ва тафаккури кӯдакон таъсири амиқ мерасонад. Қонунҳое, ки ба тарбияи масъулиятноки падару модарон ва омода намудани кӯдакон ба ҳаёти мустақилона нигаронида шудаанд, маҳз бо ҷалби фаъолонаи занон, ки аксаран парасторон ва намунаи ибрати кӯдакон мебошанд, самараноктар татбиқ карда мешаванд.

Занону духтарони тоҷик бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва ҷавобан ба ғамхориҳои Ҳукумати кишвар кӯшиш менамоянд, ки эътимоди Пешвои миллатро сазовор гарданд. Доир ба ин масъала Президенти мамлакат бо хушнудӣ иброз намуданд: *“Боварам дорам, ки занон ва модарону бонувону духтарони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд”.*

Дарвоқеъ, ҷиҳати ҳифз ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, ки дорои аҳаммияти фарҳангиву таърихӣ мебошанд, нақши занон ҳалкунанда мебошад. Аз нигоҳи сиёсӣ идома ва таҳаввули ҳунарҳои мардумӣ барои ҳифзи мероси фарҳангӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодӣ дар дохили ҷомеаҳо муҳим буда, ҷалби занону духтарон дар ин корҳо имкон медиҳад, ки фаҳмиш ва таҷрибаҳои арзишманд дар ҳифз ва пешрафти ҳунарҳои суннатӣ, саҳмгузорӣ дар суботи фарҳангӣ ва иқтисодии миллат таъмин гардад. Эътирофи саҳми занон ва модарон дар татбиқи қонунҳои марбут ба анъанаҳо, тарбияи падару модар ва беҳбудии оила барои идоракунии муассири миллат муҳим аст. Қарорҳо ва сиёсатҳое, ки нақши занонро дар ин соҳаҳо эътироф ва

дастгирӣ мекунанд, барои эҷоди ҷомеаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муттаҳид, аз ҷиҳати фарҳанг ғанӣ ва дастгирии ҳаёти оилавӣ муҳим мебошанд. Маҳз ба ин хотир *«дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар, ҳазорон нафар духтарони боистеъдоди мо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд»*.

Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд.

Танҳо дар даҳ соли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Аз 3 ҳазору 300 нафар ҷавононе, ки соли ҷорӣ танҳо тавассути Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм ба хориҷи кишвар барои таҳсил рафтаанд, 30 дарсадашон духтарон мебошанд.

Гузашта аз ин, таваҷҷуҳ ба беҳбуди шароити зиндагии ҳар як хонавода дар кишвар тавассути саҳми занон бо ҳадафҳои сиёсӣ, ки ба таъмини некуаҳволии иҷтимоӣ ва баробарӣ нигаронида шудааст, мувофиқат мекунад. Эътироф намудани занону модарон ҳамчун саҳмгузори арзишманд дар татбиқи қонунҳо ва сиёсатҳои марбут ба фарҳанг, тарбияи фарзанд, рушди кӯдак, ҳунарҳои мардумӣ ва ободии оила оқилона, саривақтӣ ва зарурист. Иштироки фаъолона ва тавонмандии онҳо дар ҳама соҳаҳо ба некуаҳволӣ ва шукуфоии миллат таъсири мусбат мерасонад.

Баланд бардоштани мақоми занону бонувон дар ҷомеа ва фароҳам овардани шароити муносиби шуғл барои онҳо яке аз авлавиятҳои сиёсати Ҳукумати кишвар ба шумор меравад. Таҳлилҳо пайваста нишон медиҳанд, ки вақте занон ба имкониятҳои шуғл дастрасии баробар доранд ва метавонанд дар қувваи корӣ пурра иштирок намоянд, ин ба натиҷаҳои мусбати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонад. Фарогирии занон ба қувваи корӣ ҷиҳати рушди иқтисодӣ, коҳиши камбизоатӣ ва рушди умумии ҷомеа мусоидат мекунад. Фароҳам овардани шароити мувофиқи шуғл барои занон барои истифода бурдани истеъдод ва маҳорати онҳо аҳаммияти ҳалкунанда дорад ва дар ниҳоят ба ҳосилнокии бештар ва навоварӣ дар қувваи корӣ оварда мерасонад. *«Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби эътибору обрӯ гардидаанд».*

Зимни ироаи Паём қайд гардид, ки *“имрӯз занону бонувони тоҷик ба хотири рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, аз ҷумла дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда истодаанд”.* Аз нигоҳи таҳлилӣ, иштироки фаъолонаи занони тоҷик дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тағйироти назарраси динамикаи гендериро инъикос намуда, нақши занонро дар бахшҳои гуногун нишон медиҳад. Иштироки гуногун ва фарогир дар ин

бахшҳо метавонад самаранокии ниҳодҳои амниятӣ ва дифоъро афзоиш диҳад. Таҳқиқот ва пажуҳишҳо нишон доданд, ки дастаҳои гуногун, аз ҷумла намояндагӣ аз ҳар ду ҷинс, барои ҳалли мушкилоти мураккаб ва посух додан ба доираи васеи ниёзҳои ҷомеа беҳтар муҷаҳҳаз шудаанд. Заноне, ки дар ин бахшҳо хидмат мекунанд, метавонанд дурнамои беназир, малакаҳои ҳалли мушкилот ва ҳамдардӣ ба нақшҳои худро биёваранд, ки ба рушди дастгоҳи мустаҳкамтар ва ҷавобгӯйи амният таъсири мусбат расонанд.

Гузашта аз ин, ҷалби фаъолонаи занони тоҷик дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз садоқатмандии миллат дар самти истифодаи ҳамаҷонибаи неруи аҳолӣ барои пешрафти ҷомеа ва давлат як ангезаи пурқувват мебахшад. Аз ҷиҳати сиёсӣ, ин як тасмими стратегӣ барои таҳкими амният ва субот бо роҳи истифода аз истеъдод ва қобилиятҳои гуногуни занон мебошад. Ҳамчун ифодаи рамзии уҳдадориҳои миллат ба баробарии гендерӣ ва эътирофи занон ҳамчун саҳмгузорони арзишманд дар тамоми ҷанбаҳои пешрафти ҷомеа хизмат мекунад.

Дар маҷмуъ, талошҳои роҳандозишуда барои баланд бардоштани мақоми зан ва ҳамгироии онҳо ба бахшҳои гуногун равиши мантиқӣ ва пешравиро ба идоракунӣ ва рушди ҷомеа нишон медиҳад. Аз нуқтаи назари илмӣ, ин фаҳмиши таъсири мусбати баробарии гендериро ба натиҷаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ инъикос

мекунад. Аз нуқтаи назари сиёсӣ, уҳдадорӣ барои эҷоди ҷомеаи фарогир ва баробарҳуқуқро ифода мекунад, ки истеъдод ва қобилиятҳои гуногуни ҳамаи шаҳрвандони худро истифода мебарад. Бо ин мақсад *“дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома дода мешавад”*.

## ШАРҲИ НУКТАҲОИ ПАЁМ ДОИР БА МУНОСИБАТҲОИ ХОРИҶӢ

Дар шароити муосир, бо дарназардошти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии бесобиқаи равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ, масъалаи ҳамқадам будан бо замон, яке аз масъалаҳои муҳим дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус роҳбари он, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарки амиқи вазъи минтақа ва ҷаҳон ба самтҳои асосии рушди минбаъдаи кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Ҳоло дар Тоҷикистон василаи муҳимми таҳлилу баррасии масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, муайян намудани рушди минбаъдаи масъалаҳои алоқаманд бо онҳо дар кишвар Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ба ҳисоб меравад. Паёми Президенти кишвар ба Парлумони

мамлакат фарогири рушди соҳаҳои мухталиф, муайян сохтани норасоиҳо дар бахшҳои гуногун ва дурнамои рушди мамлакат, инчунин, мутобиқ сохтани меъёрҳои дохилӣ ба сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Ҳамзамон, Паёмҳои солонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ намунаи олӣ ва одилонаи ҳисоботи роҳбари як кишвар ба мардуми мамлакат вобаста ба фаъолияти солонаи Ҳукумат ба ҳисоб рафта, аз асли миллати куҳанбунёд ва таърихан давлатдори тоҷикон дарак медиҳад. Маҳз дилсӯзӣ ва миллатдӯстии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нишон аз эҳсоси баланди масъулият ва садоқат ба миллат мебошад, ки дар Паёмҳои солона инъикоси худро ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ки дар санаи 28-уми декабри соли 2024 дар бинои нави Парламент, ки мақоми олии қонунгузори мамлакат–Маҷлиси Олӣ аст, баргузор гардид, масъалаҳои муҳимму мубрам, вобаста ба самти сиёсати хориҷии кишвар, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Пеш аз ҳама, бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи се даҳсолаи охир дар сиёсати хориҷии худ ба дастовардҳои бузург ноил гардид. Имрӯз Тоҷикистон бо 184 давлати дунё муносибатҳои

дипломатӣ барқарор намуда, инчунин, дар асосии усули «дарҳои кушода», ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ пеш гирифтааст, роҳандозӣ ва пешбурди муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ, ҳамкории судманд бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин, ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Масъалаи аввале, ки дар Паёми имсола дар самти сиёсати хориҷии кишвар баррасӣ гардид, масъалаи таҳдидҳо ва хатарҳои глобалӣ мебошад. Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли татбиқи пайгиронаи сиёсати хориҷии худ тавонист то имрӯз дар баррасӣ ва ҳалли мушкилоти гуногуни глобалӣ саҳми назаррас гузорад. Дар ин радиф, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ таъкид намуданд, ки *“мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор рафта, ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардидааст ва тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст.”*

Дар ҳақиқат, вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир–терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро

водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем.

Дар ин маврид, чи тавре дар Паёми Роҳбари давлат ёдовар гардид, *“моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез», ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ иброз намуд.”*

Ёдовар гардидан бамаврид аст, ки дар ҳамоиши мазкур вазирони корҳои хориҷӣ ва роҳбарони ҳайатҳо, инчунин, намояндагони созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ниҳодҳои илмӣ ва намояндагиҳои дипломатии муқими Тоҷикистон ширкат варзида буданд. Баргузор гардидани ин гуна ҳамоиши байналмилалии сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе гувоҳи он аст, ки талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароии замон натиҷаҳои дилхоҳ дода истодаанд.

Илова бар ин, мураккабшавии авзои сиёсии байналмилалӣ, шиддат гирифтани вазъи геосиёсиву низомӣ, таҳдидҳои амниятӣ, буҳронҳои молиявию иқтисодӣ, инчунин, мушкилоти марбут ба тағйирёбии

иқлим, норасоии ғизо ва оби ошомиданӣ дар ҷаҳону минтақа ва пайомадҳои онҳо зимни пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон моро ба андешидани тадбирҳои зарурӣ водор месозанд.

Ҳамин аст, ки Пешвои муаззами миллат зимни суханронии худ доир ба масъалаи мазкур чунин қайд намуданд: *"Ҷомеаи байналмилалӣ ҳанӯз дар масири дарёфти роҳҳои муносиби ҳалли хавфу таҳдидҳои глобалии марбут ба тағйири иқлим қарор дорад. Бо дарназардошти ин омилҳо, кишварро зарур аст, ки зимни пешбурди сиёсати хориҷӣ саъю талошашро дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ барои расидан ба ҳадафҳои созанда ҷиҳати пойдории сулҳу субот ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба тақвият диҳад."*

Масъалаи дигар, ки дар Паём ироа гардид, ҳалли масъалаҳои умдаи аҳли башар ва иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ мебошад, ки яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон роҳандозӣ мегарданд. Бинобар ин, моҳи июни соли 2024 дар Душанбе Конфронси сеюми байналмилалӣ дар соҳаи об доир гардид. Дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун «Раванди оби Душанбе» пазируфта шудани як платформа гувоҳ аз саҳми бузурги кишвари мо дар самти мушкилоти об дар ҷаҳон мебошад, ки кишвари моро ба таври хос муаррифӣ кардааст. Вобаста ба масъалаи мазкур, дар Паёми мазкур зикр гардид, ки "дар идомаи ташаббусҳои созандаи худ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ доир ба

пешбурди мавзуъҳои обу иқлим соли 2025-ум дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мизбони аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо хоҳад буд.

Бинобар ин, Роҳбари кишвар тазаккур доданд, ки *“мо бояд ҳамкориҳоро дар самти обу ҳифзи пиряхҳо, баррасии пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда идома дода, ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар қолаби «Раванди оби Душанбе» тадбирҳои зарурӣ андешем.”*

Инчунин, дар Паём ҷанбаҳои асосии сиёсати сиёсати хориҷӣ сиёсати «дарҳои кушод» инъикос гашта, авлавиятҳои асосии он минбаъд низ ба густариши муносибатҳои дӯстона дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар қолабҳои бисёрҷониба, бахусус, дар самтҳои рушди «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, технологияҳои навин, ҷалби сармоя ва тиҷорат бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар шарикони анъанавӣ аз минтақаҳои Осиё, Аврупо ва Амрико, Ховари Миёна ва давлатҳои дигар қитъаҳои дунё равона гардидаанд.

Доир ба тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои дигар, таъкид гардид, ки *“Стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу*

*субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад.”*

Ҳамзамон, Роҳбари давлат махсус таъкид намуданд, ки *“масъалаҳои вобаста ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ, шаъну шараф ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошанд.”*

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои бисёрҷонибаи худро дар чорчуби созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ пайваста густариш медиҳад. Аз ин рӯ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи мазкур низ дар суханронии худ ишора намуда, зикр намуданд, ки Тоҷикистон ҳамкориҳои созанда ва қобили дурнаморо дар доираи созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд густариш дода, робитаҳои худро бо Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва дигар сохторҳои марбут ба равобити бисёрҷониба вусъат мебахшад ва ҷиҳати идомаи иштироки фаъол дар равандҳои ҷаҳонӣ ва қолабҳои гуногуни байналмилалӣ талош меварзад.

Ҳаминр тариқ, дар Паёми навбатии Роҳбари давлат дастовардҳои ноилшудаи Тоҷикистон тайи вақтҳои охир, хусусан, дар панҷ соли гузашта баён гардида, аз ҷониби

роҳбари давлат таъкид гардид, ки барои расидан ба ҳадафҳои муайянгардида ва тавсеаи ҳамкориҳои созандаву дарозмуддат бо ҳамаи кишварҳои олам ва шарикони байналмилалии худ минъбаъд низ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

## МАСЪАЛАИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ, МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

Вазъи нооором ва равандҳои пуртазоду мураккаб дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ки пайомадҳои буҳронии сиёсиву иқтисодӣ доранд, ҳамоно боиси нигаронӣ мебошанд. Дар ин замина, Тоҷикистон рушди муносибатҳои гуногунҷанбаро ҷиҳати ҳалли мушкилоти мазкур ба таври муштарак бо кишварҳои гуногуни олам, бахусус, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, самти афзалиятноки сиёсати хориҷии худ медонад.

Стратегияи кишвари мо зимни рушду тавсеаи муносибатҳо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ минбаъд низ дар заминаи ҳусни эътимод ва самимият бо ҳадафи мусоидат дар таҳкими фазои сулҳу субот ва таъмин намудани рушду пешрафти муштарак дар минтақа бунёд мегардад.

Дар равобит бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳим ва зарур будани муносибатҳои баробар, мутақобилан

судманд, беғараз ва устувор омилҳои муайянкунанда ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсаташро бо ин кишвари ҳамсоя ҳамеша дар асоси эҳтироми мутақобил, ҳамкории созанда ва хайрхоҳӣ пеш хоҳад бурд.

Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон бар пояи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд тақозо мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад.

Кишвари мо то ҳол бо аксар кишварҳои минтақа созишномаҳо оид ба ҳамкориҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймониро ба имзо расонидааст, ки ин аз сатҳи баланди рушди ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои минтақа дарак медиҳад.

Ҳамзамон, анҷоми даври аввали Нишастҳои машваратии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва оғози давраи дуюми ин нишастҳо, инчунин, ба имзо расонидани санадҳои муҳимми ҳамкорӣ миёни

Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, заминаро ҷиҳати дурнамои эҷоди раванди ҳамгироии минтақавӣ фароҳам меоварад.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки мураккаб боқӣ мондани вазъи сиёсӣ ва иқтисодии минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт тақвият ёфтани шиддати рақобати кишварҳои дунё, истифодаи қувваи ҳарбӣ дар раванди низоъҳо, «ҷангҳои гибридӣ», таҳдиду хатарҳои алакай анъанавӣ, ба монанди терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, инсон, ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзию фаромиллӣ моро ба он водор месозад, ки ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, таҳкими ваҳдату ягонагӣ ба масъалаи боло бурдани иқтидори мудофиавии кишварамон тадбирҳои ҷиддӣ андешем.

Мо дар ин замина, бояд талош намоем, ки аз зарфиятҳои зеҳнӣ ва илмии кишвар, инчунин, омӯхтани таҷрибаи дигар кишварҳо дар самти ворид намудани фановариҳои техникӣ дар низоми Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷузъу томҳои он, аз ҷумла рушди саноати ҳарбӣ, диққати аввалиндараҷа диҳем.

Солҳои охир, кишвари мо ба масъалаи беҳтар намудани шароити зиндагиву хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, таъмин намудани хизматчиёни ҳарбӣ бо лавозимти зарурӣ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани донишҳои тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва

ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон чораҳои амалии саривақтӣ андешида истодааст.

Тайи чанд соли охир бо мақсади таъмини амнияти сарҳадӣ, бо икдомоти Ҳукумати мамлакат ва дастгирии шаҳрвандони ватандӯст, аз ҷумла саҳми соҳибкорони бонангу номуси ватанӣ, шароити қисмҳои низомӣ ва дидбонгоҳҳо ба талаботи замон мувофиқ гардонида, 120 дидбонгоҳи нав бунёд ва даҳҳо дидбонгоҳи сарҳадӣ таъмиру азнавсозӣ гардиданд. Масъалаи мазкур ба эҷоди камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон мусоидати ҷиддӣ хоҳад намуд, ки аз саҳми бузурги Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дарак медиҳад.

Ҳамзамон, алҳол барои хизматчиёни ҳарбӣ тамоми шароити мусоиди пеш бурдани хизмат, зиндагӣ, машқу таҳсил, истироҳат ва варзиш муҳайё мебошад. Ҳадафи мо аз навсозии имкониятҳои Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар боз ҳам беҳтар таъмин намудани амният ва субот, ки заминаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар мегардад, ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат дар самти таъмин намудани шароити беҳтари зисту хизмат барои хизматчиёни ҳарбӣ ва андешидани чораҳои қатъӣ дар самти таъмини ҳуқуқ, обрӯ ва эътибори сарбоз дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат солҳои охир таваҷҷуҳи шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонони ватандӯст, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ба таври ҷиддӣ беҳтар гардида,

ҳатто дар баъзе шаҳру ноҳияҳо накшаи даъват дар рӯзи аввал иҷро мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои касби Истиқлоли давлатӣ, бо дарназардошти сабақҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва таҷрибаи беназири сулҳофарӣ, ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалҳои муҳимми ҷаҳонӣ, аз қабили таъмини сулҳу суботи байналмилалӣ, муқовимат бо терроризм, экстремизм, тундгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ баромад намуда, дар ин замина саҳми арзандаи худро низ гузоштааст. Дар сатҳи байналмилалӣ ва сатҳи миллӣ, мо ба риояи муқаррароти санадҳои муҳим, ба монанди Оинномаи СММ, Стратегияи зиддитеррористии СММ ва дигар санадҳои эътиборнок дар муқовимат бо падидаҳои мазкур, содиқ мебошем.

Дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, инчунин, амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ва пешгирӣ аз ҳаракати терроризм солҳои 2018, 2019 ва 2022 дар шаҳри Душанбе се Конфронси байналмилалии сатҳи баланд баргузор гардид. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мизбони “Раванди Душанбе оид ба мубориза ба терроризм ва маблағгузории он” икдоми бори аввал берун аз Тоҷикистон баргузор гардидани конфронси навбатӣ дар доираи ин равандро истиқбол намуд.

Маҳз дар ин замина, 4 ноябри соли 2024 дар шаҳри Ал-Кувайти Давлати Кувайт Конфронси байналмилалӣ оид ба “Тақвияти ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм ва эҷоди механизмҳои самараноки амнияти сарҳадӣ–марҳалаи Кувайти “Раванди Душанбе” баргузор гардид.

Ҳамзамон, бо ин таъкид намудан бамаврид аст, ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои пешоҳанг дар самти офиятбахшӣ ва реинтегратсияи шахсони бозгашта аз минтақаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона, аз ҷумла кишварҳои Ироқ ва Сурия мебошад. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои мушаххас дар чор соли охир тақрибан 450 нафар шаҳрванди кишвар ва соли 2024 бо дастури бевоситаи Роҳбари давлат 47 нафар занону кӯдакон баргардонида шуданд, ки аз икдомҳои башардӯстонаи Тоҷикистон мебошад.

Ҳоло дар Тоҷикистон танзими меъёрии ҳуқуқии муқовимат ба терроризм ва экстремизм тавассути муқаррароти докторинаи ҳарбӣ, чор барнома, ду кодекс (ҷиноятӣ ва маъмурӣ), се консепсия, ҳашт қонун ва стратегияи миллӣ (дар ду давра) таҳлилу баррасӣ гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ҳудудан 14 Конвенсияи байналмилалиро эътироф намудааст.

Ҳукумати кишвар зарфи даҳ соли охир солҳои 2016–2020 ва 2021–2025 ду Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва амалӣ намудааст,ки ин раванд идома дорад.

Дар ин самт, мақомоти давлатиро зарур аст, ки ба масъалаи ҷанбаҳои идеологии муқовимат бо терроризм ва экстремизм, ошкор намудани моҳияти аслии онҳо ҳамчун афзори истифода аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдори хориҷӣ тадбирҳои самарабахшу амалӣ андешанд.

## ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМИНАИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»,* ки санаи 28 декабри соли 2024 ироа карда шуд, тамоми ҷанбаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию байналмилалии кишвар дар соли 2024 ҷамъбаст гардида, вазифаҳои навбатӣ барои соли 2025 ва дурнамои наздик гузошта шудаанд. Дар ин росто, таҳлили вазъи глобалии замони муосир ва мақоми байналмилалии Тоҷикистон, ҳамчун яке аз масъалаҳои марказӣ дар Паём, қарор дошт. Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш

овардаанд, моро водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати аввалиндарача диҳем.

Дунёи имрӯз дунёест, ки манфиатҳои миллию давлатӣ ва дигар муносибатҳои ҷамъиятиро ниҳоят тезутунд мегардонад. Махсусан, давлатҳои абарқудрат, бозингарони сиёсии ҷаҳонӣ барои ноил шудан ба хостаҳои худ, аз нав тақсим намудани ҷаҳон, соҳиб шудан ба сарватҳои табиии давлатҳои дигар “Баҳори Араб” ва инқилобҳои рангаро аз тарҳ ба амал ҷорӣ менамоянд. Барои ҳалли масоили иқтисодии худ аз ҳисоби дигарон ба абарқудратҳо афзорҳое, ба мисли ташкили бесуботию ноороми, ба миён овардани зиддиятҳои мазҳабӣ, миллӣ ва инқилобҳои ранга лозиманд.

Бархӯрди бесобиқаи манфиатҳои миллию давлатии кишварҳои абарқудрат боиси печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра гардидааст. Рӯйдодҳои охири ҷаҳон, тезутунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, Осиё, Африқои Шимолӣ, Аврупо ва дигар минтақаҳои дунё ноустувор будани вазъро собит менамоянд.

Имрӯзҳо вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон ба таври бесобиқа мураккаб боқӣ мемонад. Дар ин вазъи тезутанд бархӯрди тамаддуну фарҳангҳо, тарғиби арзишҳои бегона, талабот ба тарбияи ватандӯстӣ дучанду сечанд меафзояд. Бо фаҳми бисёр жарфи вазъият ва дарки

масъулият дар оғози Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» чунин иброз гардид: *«...моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем. Зеро мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд. Ин аст ҳадафи олии сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон».*

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ санади расмӣ ва муҳимми барномавӣ буда, дар низоми сиёсии давлатдорӣ анъанаи равшани рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии Тоҷикистон, барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва самтнамои ҳаракати устувори ҷомеаи Тоҷикистон ба сӯйи ояндаи рушду амну осоиш мебошад.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ санади расмӣ ва муҳимми барномавӣ буда, дар низоми сиёсии давлатдорӣ анъанаи равшани рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии Тоҷикистон, барномаи мукаммали кории тамоми ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва самтнамои ҳаракати устувори ҷомеаи Тоҷикистон ба сӯйи ояндаи рушду амну осоиш мебошад.

Дар ин замина, дар ҷараёни ироаи Паёми навбатии Пешвои миллат, на танҳо ба комёбиҳо ишора шуд, балки

мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат низ баррасӣ гардида, вазифаҳои мушаххас барои ҳалли онҳо муайян карда шуданд:

– **Ба Ҳукумати мамлакат ва вазорату идораҳои дахлдор** супориш дода мешавад, ки доир ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон чораҳои судмандро амалӣ созанд.

– **Ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ** супориш дода мешавад, ки ҳаҷми пешниҳоди қарз ба иқтисодиётро ҳамасола зиёд намоянд.

– **Ба вазоратҳои адлия, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва вазорату идораҳои дахлдор** супориш дода мешавад, ки барои тасдиқи нақшаи мукаммали пайванди инноватсия бо истеҳсолот санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

– **Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ** супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар мақомоти марбута дар муҳлати як моҳ лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро оид ба амалисозии ин пешниҳод таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат манзур намояд.

– **Ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** супориш дода мешавад,

ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти саноатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

– **Ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва вазорату идораҳои дахлдор** супориш дода мешавад, ки дар шароити болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ватанӣ барномаи амнияти озуқаворӣи кишварро барои панҷ соли оянда қабул ва амалӣ намоянд.

– **Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ** супориш медиҳам, ки аз 1-уми сентябри соли 2025:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии соҳаи маориф 30 фоиз зиёд карда шавад;

– маоши вазифавии кормандони дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шавад;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба андозаи 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, аз 1-уми сентябри соли 2025 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ 10 фоиз зиёд, яъне индексатсия карда шавад.

– **Ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** супориш дода мешавад, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакону наврасон, тадбирҳои мушаххас андешанд.

– **Ба роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо** супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ пурра бартараф намудани мушкилоту масъалаҳои муассисаҳои тандурустӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

– **Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои саривақтиву босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида ва дар ин

замина рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025-ум дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

– **Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** вазифадоранд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро ҳарчи зудтар таъмин намоянд.

– **Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Кумитаи андоз** вазифадор карда мешаванд, ки доир ба такмил додани механизми татбиқи имтиёзи андоз аз фоида барои корхонаҳое, ки фаъолияти истеҳсолии навро ба роҳ мондаанд, дар муҳлати ду моҳ санадҳои дахлдорро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

– **Сарвазири мамлакат, муовини Сарвазир–сарпарасти соҳа, вазири энергетика ва захираҳои об, дигар вазорату идораҳои дахлдор, роҳбарони Ҷамъияти саҳомии «Неругоҳи барқи обии «Роғун», ширкатҳои соҳа ва марказҳои татбиқи лоиҳаҳо** вазифадоранд, ки доир ба татбиқи саривақтии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии соҳа, аз ҷумла лоиҳаҳо дар самти паст кардани талафоти барқ, тадбирҳои муассир андешанд.

**– Вазорати нақлиёт** вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати татбиқи сифатноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сари

вақт ва бо риояи меъёрҳои муосир амалӣ намудани бунёду азнавсозии роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти роҳҳо, ташаккули долонҳои нақлиётии транзитӣ ва инфрасохтори онҳо тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

– **Вазорати маориф ва илм** вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати таҷдиди назар кардани стандартҳо ва нақшаву барномаҳои таълимӣ, ворид намудани воҳидҳои нави кории омӯзгорони забонҳои хориҷӣ, таҳияи маводи муосири таълимӣ, истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ, усулҳои навини омӯзиши забон ва такмили маҳорати касбии омӯзгорон чораҳои қатъӣ андешад.

– **Роҳбарони шаҳру ноҳияҳо** вазифадор карда мешаванд, ки дар ин муддат дар маркази ҳар як шаҳру ноҳияи мамлакат барои истеъдодҳои наврасу ҷавон як мактаби мусиқӣ сохта, ба истифода диҳанд.

– **Роҳбарону масъулони соҳа** вазифадоранд, ки барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, таъмин намудани рушди бомароми соҳа ва тарбияи кадрҳои баландихтисос тадбирҳои зарурӣ андешида, хизматрасонии босифати тиббӣ ва фаъолияти босамари муассисаҳои тиббиро таъмин намоянд.

– **Ҳукумати мамлакат, роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо** вазифадоранд, ки тамоми имкониятҳоро барои дар панҷ соли оянда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсис

додани беш аз 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи кории нав сафарбар созанд.

– **Бо мақсади соҳибкасб намудани аҳолии кишвар ва рақобатнок гардонидани қувваи корӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ** вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои сераҳолии кишвар таъсис додани марказҳои касбомӯзиву хизматрасонӣ ва рушди малакаҳоро таъмин намояд.

Барои самаранок ва саривақт иҷро намудани масъалаҳои гузошташуда, Пешвои миллат таъкид намуданд: *"Мо вазифадорем, ки ба хотири пешрафти давлати соҳибистиқлоламон, ободии Ватани аҷдодиамон ва мунтазам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии ҳар як хонадони мардуми шарафманди Тоҷикистон ҳар рӯз ва ҳамеша саъю талош намоем"*.